*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ*
*ва зиндагии шоистаи мардум!*

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

20 январи
соли 2016,
чоршанбе,
№3 (1035)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ПАЁМИ

## Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



**МУҲТАРАМ АЪЗОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН!**
**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

Паёми имсола ба мақоми олии қонунгузори мамлакат ва мардуми шарифи Тоҷикистон дар шароити торафт мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, густариш пайдо кардани зуҳуроти ниҳоят хатарноки асри нав - терроризм ва экстремизм, вусъати бесобиқаи бархӯрди манофеи абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон ва вобаста ба ин, боз ҳам печидаву муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра, инчунин шиддат гирифтани буҳрони молиявию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳои олам пешниҳод мегардад.

Соли 2015-ум ба таърихи навини кишварамон, қабл аз ҳама, бо чорабинии муҳими сиёсӣ - интихоботи вакилон ба Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ ворид гардид.

Мехоҳам махсус хотирнишон созам, ки интихобот дар фазои сулҳу суботи комил ва дар сатҳи баланди сиёсӣ баргузор шуда, бори дигар болоравии маърифати сиёсиву масъулияти шаҳрвандии мардуми Тоҷикистонро нишон дод.

Бо истифода аз фурсат, ба кулли мардуми шарифи кишвар барои ширкати фаъолона дар муҳимтарин чорабинии сиёсии сол бори дигар миннатдорӣ баён менамоям.

Дар соли гузашта, ҳамчунин, як силсила маъракаҳои муҳим, аз ҷумла Конфронси байналмилалӣ доир ба ҷамъбасти раванди татбиқи яке аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид - Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" дар солҳои 2005-2015, 700 - солагии мутафаккири барҷастаи Машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва 3000 - солагии Ҳисори бостонӣ баргузор гардиданд, ки ҳамаи онҳо, дар маҷмӯъ, дар амри густариши ҳисси миллӣ, худшиносиву худогоҳии хурду бузурги мамлакат, инчунин дар таҳкими нуфузу эътибори кишварамон нақши муассир гузоштанд.

Соли 2015-ум, бо вуҷуди таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ва афзоиши фишор ба иқтисоди миллии мо дар натиҷаи заҳмати аҳлонаи мардуми шарафманди кишварамон рушди мусбати иқтисодӣ ва устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба зиёда аз 48  миллиард сомонӣ, суръати афзоиши он ба 6 фоиз баробар шуд ва сатҳи таваррум 5 фоизро ташкил кард.

*саҳ. 2*

Минбари халқ
20 январи соли 2016,
№3 (1035)

# ПАЁМИ

## Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

*саҳ. 2*



Сатҳи камбизоатӣ то 31 фоиз паст гардид ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 3,8 фоиз зиёд шуд. Маблағи пасандозҳо дар давоми сол 9 миллиард сомонӣ ё 35 фоиз афзуд.

Нишондиҳандаҳои зикршуда ба идома пайдо кардани тамоюли беҳтар гардидани вазъи демографӣ ва тандурустии аҳолӣ мусоидат намуданд, ки дар натиҷа умри миёнаи шаҳрвандон ба 73,5 сол расид ва шумораи фавти модарону кӯдакон нисбат ба солҳои пешин хеле коҳиш ёфт.

Нишондиҳандаи фавти модарон ҳангоми таваллуд дар панҷ соли охир 1,6 баробар ва фавти кӯдакон 2,5 баробар кам шудааст.

Соли 2015 дар доираи барномаҳои давлативу соҳавӣ беш аз 205 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Нишондиҳандаи қарзи давлатӣ соли гузашта нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 27,9 фоизро ташкил кард, ки ин рақам тибқи меъёрҳои байналмилалии вобаста ба идоракунии қарз нишондиҳандаи муътадил ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, хотиррасон бояд кард, ки соли 2015 аксари соҳаҳои иқтисоди миллии мо таҳти таъсири шадиди омилҳои берунӣ қарор гирифта, ин раванд ба вусъати робитаҳои тиҷоратӣ, тавозуни пардохт, қурби пули миллӣ ва нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ то андозае таъсири манфӣ расонид.

Барои пешгирӣ кардани чунин вазъ, Ҳукумат нақшаи чорабиниҳои иловагӣ қабул карда, дар доираи он ҷиҳати таъмин намудани тараққиёти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармояи дохиливу хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ ва ҷойҳои нави корӣ, густариши ҳамкориҳо бо шарикони тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ як силсила тадбирҳои судмандро амалӣ намуд.

Дар доираи чорабиниҳои зиддибуҳронӣ бо мақсади бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта "Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2016-2017" қабул гардид, ки бояд дар асоси он беш аз 300 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ва барқарор карда шаванд.

Соли гузашта бо сабаби идома ёфтани тамоюли манфӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ нархи молу маҳсулоти асосии содиротии кишвар паст рафта, таъсири омилҳои берунӣ ба пули миллӣ зиёд гардид.

Илова бар ин, офатҳои табиии дар давоми сол рухдода, аз ҷумла сардии ҳаво дар вилояти Суғд, селу заминларза дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, як қатор ноҳияҳои водии Рашт ва вилояти Хатлон ба иқтисодиёти мамлакат дар ҳаҷми беш аз 4 миллиард сомонӣ зарар расониданд.

Ҳукумат барои ҳарчи зудтар бартараф намудани оқибати офатҳои табиӣ тамоми тадбирҳои заруриро андешида истодааст.

Дар навбати аввал манзилҳои зисти аҳолӣ ва иншооти харобгардида, аз ҷумла роҳу пулҳо, мактабу муассисаҳои тиббӣ ва хатҳои интиқоли барқ аз нав сохта ва барқарор шуда истодаанд.

Соли 2015-ум гардиши савдои хориҷии мамлакат нисбат ба соли 2014-ум 18 фоиз, аз ҷумла содирот 9 фоиз, воридот 20 фоиз ва хизматрасониҳои пулакӣ 7 фоиз коҳиш ёфт.

Шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки барои беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ доир ба истифодаи самараноки захираву иқтидорҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва табиии кишвар, пешбурди сиёсати самараноки молия ва қарз, риояи қатъии низоми истифодаи сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, дастгирӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ, бахусус, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумат тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд қисми зиёди дастуру супоришҳо ва иқдомоти дар Паёми соли 2015 баёнгардида бо дарназардошти имкониятУ захираҳои мавҷуда иҷро шуд, вале бо сабаби коҳиш ёфтани содироту воридот ва иҷро нашудани баъзе нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ зиёд намудани музди меҳнат ва нафақаву стипендия амалӣ нагардид.

Вале ин иқдом дар сарҳати тадбирҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат дар соли 2016 боқӣ мемонад, зеро ман борҳо таъкид кардаам, ки муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтари зиндагӣ барои сокинони кишвар ҳадафи олитарини фаъолияти Президент ва Ҳукумат мебошад.

Бо дарназардошти рушди иқтисодиёти мамлакат, идоракунии самараноки захираҳои молиявии давлатӣ ва ба эътидол овардани хароҷоти ҷиҳати иҷрои тадбирҳои пешбининамудаи Паёми соли гузашта дар ин самт аз 1-уми июли соли равон марҳалаи навбатии зиёдшавии музди меҳнат амалӣ карда мешавад.

Аз ҷумла музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 15 фоиз, кормандони муассисаҳои маориф, ба шумули муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва олӣ, дигар муассисаҳои соҳаи маориф, илм, фарҳанг, варзиш ва тандурустӣ 20 фоиз, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла хона - интернатҳо барои пиронсолону маъюбон, шуъбаҳои кумаки иҷтимоӣ дар хона ва истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо барои собиқадорони ҷангу меҳнат ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда 25 фоиз зиёд карда мешавад.

Ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯи синну сол ва нафақаи заминавӣ, инчунин нафақаи меҳнатии шаҳрвандон ба ҳисоби миёна то 20 фоиз баланд бардошта мешавад.

*Роҳбарони вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, инчунин ректорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ супориш дода мешавад, ки дар давоми чор соли оянда масъалаи пурра бо омӯзгорони фанҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ, дар навбати аввал, русиву англисӣ таъмин кардани муассисаҳои таҳсилоти умумиро ҳал намоянд.*

Дар баробари ин, стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 30 фоиз, инчунин музди меҳнати ҳадди ақал 60 фоиз зиёд шуда, андозаи он аз 250 сомонӣ то ба 400 сомонӣ баробар мегардад.

Қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ низ бозҳисобӣ (индексатсия) карда мешавад. Барои маблағгузории чорабиниҳои зикршуда аз буҷети давлат дар як сол 1 миллиарду 323 миллион сомонӣ равона мегардад.

Аз ин лиҳоз, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешад.

Мо дар давраե қарор дорем, ки муҳлати татбиқи як қатор барномаҳои давлативу соҳавӣ, аз ҷумла аввалин Стратегияи миллии рушд ба анҷом мерасад.

Бо мақсади суръат бахшидани корҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои афзалиятнок ва муайян намудани дурнамои минбаъдаи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия гардида, ҳоло дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад.

Дар санади мазкур се ҳадафи миллии эълонкардаамон ҳамчун вазифаҳои аввалиндараҷа боқӣ мемонанд ва мо азми қатъӣ дорем, ки дарояндаи наздиктарин иҷрои онҳоро таъмин намоем.

Дар давраҳои минбаъда ин ҳадафҳо сифатҳои нав касб карда, асоси онҳоро гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил

ёфтан ва таъмин намудани амнияти озуқавориву дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ташкил хоҳад дод.

Дар ин раванд, ба самаранокии соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, рушди неруи инсонӣ, гуногуншаклии истеҳсолот, тақвияти институтсионалӣ ва тараққиёти минтақаҳо афзалият дода мешавад.

Мо инкишофи устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии кишвар дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодаем.

Вобаста ба ин, Ҳукуматро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самтҳои зикршуда тақвият бахшида, ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии идораи давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар таъмин намояд.

Истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Бо мақсади иҷрои ин вазифаҳо ва ноил шудан ба пешрафти саноати кишвар то ба имрӯз як қатор барномаҳои соҳавӣ татбиқ гардиданд, ки ба тавсеаи коркарди аввалияи ашёи хоми саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуданд.

Ҳоло барои истифодаи ҳарчи бештари иқтидорҳои саноатӣ ва афзоиш додани коркарди ашёи хоми ватанӣ, аз ҷумла коркарди пурраи нахи пахта як қатор имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд.

Илова бар ин, барои сохтмони аксари иншооти муҳим ва воридоти таҷҳизоту технологияҳои замонавӣ низ як силсила имтиёзҳо муқаррар гардида, маблағи умумии онҳо дар шаш соли охир 20 миллиард сомонӣ ва танҳо дар соли гузашта 4 миллиард сомониро ташкил кард. Яъне ин маблағҳо бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ дар ихтиёри соҳибкорон гузошта шудаанд.

Татбиқи чунин тадбирҳо ва барномаҳои соҳавӣ имкон дод, ки шумораи корхонаҳои истеҳсолии муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир зиёд гардида, ҳаҷми воқеии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар даҳ соли охир 1,6 баробар афзоиш ёбад.

Вале ин нишондиҳанда барои пурра таъмин кардани бозори истеъмолии кишвар ва афзоиш додани содирот ҳанӯз кофӣ нест.

Аз ин лиҳоз, моро лозим аст, ки бо истифодаи васеъ аз технологияҳои муосир ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти ивазкунандаи воридотро зиёд карда, талаботи бозорро бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ таъмин намоем ва ҷиҳати тақвияти иқтидори содиротии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои заруриӣ андешем.

Татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумат дар соҳаи саноати истихроҷ ва коркард нишон дод, ки вобастагии иқтисоди кишварро аз воридоти ангишт, семент ва дигар навъҳои масолеҳи сохтмон бартараф кардан ва барои содироти минбаъдаи онҳо замина фароҳам овардан мумкин аст.

Илова бар ин, дар чандин ноҳияҳои кишвар бунёди минтақаҳои саноатӣ, аз ҷумла ду корхонаи коркарди нафт бо иқтидори қариб 2 миллион тонна, се корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори беш аз 3 миллион тонна, корхонаҳои бофандагӣ бо иқтидори коркарди 52 ҳазор тонна нахи пахта ва истеҳсоли 150 миллион метри мураббаъ матои пахтагин, сохтмони се корхонаи саноати кимиё, коркарди металлҳои ранга бо иқтидори истеҳсоли 1400 килограмм тилло, корхонаи бузурги металлургӣ бо иқтидори 50 ҳазор тонна рӯҳ ва 50 ҳазор тонна сурб ва боз як корхонаи металлургӣ бо иқтидори 400 ҳазор тонна имсол ва соли оянда ба истифода дода мешаванд.

Қобили таъкид аст, ки фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, махсусан, корхонаҳои коркарди маъдан ва металлургияи сиёҳу ранга ба неруи барқ ва дигар шароити инфрасохторӣ вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳангоми банақшагирии сохтмони корхонаҳои саноатӣ масъалаи ба манбаъҳои ашёи хом наздик ҷойгир кардани онҳо, ҳаҷми заруриии неруи барқ, об, роҳ ва дигар инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ бо истифодаи технологияҳои каммасраф ба инобат гирифта шавад.

Дар стратегияи рушди минбаъдаи кишвар саноатикунонии мамлакат пешбинӣ шудааст.

Ин иқдом ба афзоиши коркарди пурраи ашёи хом, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар мусоидат карда, барои беҳтар гардидани тавозуни савдои хориҷӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ заминаи воқеӣ фароҳам меорад.

Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ ва дигар вазорату идораҳои даҳлдорро зарур аст, ки ҷиҳати ҳалли ҳадафҳои стратегӣ ва татбиқи шаклу усулҳои пешрафтаи идоракунии иқтисодиёт барномаҳои соҳавиро дар доираи афзалиятҳои муайяншуда таҳия карда, татбиқи саривақтӣ ва сифатноки онҳоро таъмин намоянд.

Робитаҳои иқтисодии хориҷии мамлакат тавассути таъмин намудани истеҳсолоти ватанӣ ва кам кардани монеаҳои маъмуриву техникӣ тадриҷан густариш ёфта, Тоҷикистон имрӯз аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун шарики боэътимоди тиҷоратӣ шинохта шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар фаъолияти иқтисодии берунии мо бинобар номутавозин будани истеҳсолоти ватанӣ ҳиссаи воридот нисбат ба талабот то ба ҳол зиёд аст.

Аз ин лиҳоз, дар стратегияи сиёсати савдои хориҷӣ дар давраи миёнамуҳлат бояд ба се самти асосӣ - ҳавасмандгардонии содирот, рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо аҳамияти хоса дода шавад.

Бо ин мақсад, роҳбарони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ ва дигар вазорату идораҳоро зарур аст, ки барномаи мусоидат ба содирот ва истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридотро барои давраи миёнамуҳлат таҳия карда, бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумат пешниҳод намоянд.

Дар доираи татбиқи барномаи зикршуда бояд маҷмӯи чорабиниҳо доир ба фароҳамсозии шароити мусоид ҷиҳати васеъ ба роҳ мондани коркарду фурӯши маҳсулот, зиёд кардани номгӯи молҳои содиротӣ, аз ҷумла ноил шудан ба истеҳсоли на кам аз 20 номгӯи нави молҳои ивазкунандаи воридот бо арзиши баланди иловашуда ва иловатан ба роҳ мондани истеҳсоли 20 намуди чунин молҳои содиротӣ амалӣ карда шавад.

Тавре ки таъкид гардид, инкишофи соҳаи саноат, дар навбати аввал, аз истеҳсоли неруи барқ вобаста мебошад.

Вале бояд гуфт, ки то ба имрӯз ҳаҷми неруи барқи дар кишвар истеҳсолшаванда барои таъмин намудани инкишофи устувори иқтисодиёт кифоят намекунад.

Аз ин хотир, моро лозим аст, ки дар баробари ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсоли неруи барқ истифодаи самараноки онро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин намуда, махсусан, ба истифодаи техникаву таҷҳизоти каммасрафи барқӣ аҳамияти аввалиндараҷа диҳем.

Соли 2016 мо нақша дорем, ки дар ҳаҷми 300 мегаватт иқтидорҳои иловагии энергетикиро ба истифода супорем. Вале дар баробари ин, дар давоми сол ба кор андохтани иқтидорҳои нави саноатиро дар ҳаҷми 350 мегаватт ба нақша гирифтаем.

Ҳарчанд ки дар кишвари мо истихроҷи нафту газ ва коркарди маводи сӯзишворӣ хеле кам аст, вале захираҳои гидроэнергетикиамон ниҳоят бузурганд ва истифодаи оқилонаи онҳо метавонад имкониятҳои моро доир ба таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар бамаротиб афзун гардонад.

***Ҳоло бо мақсади беҳтар кардани таъминоти аҳолии чандин шаҳру ноҳияи мамлакат бо оби тозаи нӯшокӣ 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии қариб 1 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Умуман, дар даврони истиқлолият бо ин мақсад дуюним миллиард сомонӣ сарф шудааст.***

Пешрафти ояндаи ҷаҳон аз энергияи барқароршаванда вобастагии зиёд дорад. Зеро он омили муҳими таъмин намудани тараққиёти босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ, ташаккули "иқтисоди сабз", ҳифзи муҳити зист, пешгирии офатҳои табиии вобаста ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши партовҳои гази карбон мебошад.

Тоҷикистон чун кишвари дорои захираҳои фаровони об ҷонибдори истифодаи одилонаву оқилонаи ин захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад.

Зеро дастрасӣ ба энергия дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор нақши калидӣ дошта, хусусан барои кишварҳои тараққикунанда ва кӯҳистон ба масъалаи муҳимтарини рӯз табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, барои Тоҷикистон масъалаи дастрасӣ ба энергия ҷиҳати таъмин намудани тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ аҳамияти хоса дорад.

Дар ин росто, бар пояи татбиқ гузоштани пешниҳоди Тоҷикистон оид ба эълони даҳсолаи нави байналмилалии "Об барои рушди устувор" аз аҳамияти хосае бархурдор хоҳад буд.

Ҳукумати мамлакат захираҳои гидроэнергетикиро сарвати миллӣ мешуморад. Бинобар ин, мо рушди соҳаи энергетикаи обиро ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ муайян карда, дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ таъмиру навсозӣ ва сохтмони иншооти энергетикиро идома медиҳем.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои тараққиёти энергетика дар кишвар 32 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо ҷалби зиёда аз 12 миллиард сомонӣ татбиқ карда шудааст.

То охири соли 2016 навбати дуюми Маркази барқу гармидиҳии Душанбе - 2 (300 мегаватт) ба маблағи дуюним миллиард сомонӣ ба истифода дода мешавад, ки ин таъминоти аҳолиро бо барқ хеле беҳтар мегардонад. Инчунин, сохтмони хатти минтақавии интиқоли барқи КАСА-1000 (252 километр) ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ оғоз мегардад, ки он шабакаҳои барқии моро бо дигар кишварҳои минтақа пайваст намуда, ба тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо давлатҳои ҳамсоя мусоидат мекунад.

Ҷиҳати расидан ба истиқлолияти энергетикӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва сармояи хориҷӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, танҳо соли ҷорӣ барои пешрафти соҳа 4 миллиард сомонӣ ҷудо карда мешавад.

Сохтмону таҷдиди иншооти энергетикии ба нақша гирифташуда дар ояндаи наздик имкон медиҳад, ки аҳолӣ ва соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллиамон пурра бо барқ таъмин гардида, барои содироти неруи барқи зиёдатӣ дар фасли тобистон ба кишварҳои минтақа шароит фароҳам оварда шавад.

Яке аз бахшҳои пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ соҳаи кишоварзӣ буда, рушди он солҳои охир дар сатҳи устувор қарор дорад.

Дар натиҷаи тадбирҳои то ба ҳол андешидашуда тараққиёти воқеии маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардида, дар даҳ соли охир қариб 2 баробар зиёд шудааст ва имрӯз ба ҳисоби миёна 23 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии моро ташкил медиҳад.

Қобили зикр аст, ки баланд бардоштани маданияти заминдорӣ, истифодаи самараноки обу замин ва ҷорӣ намудани кишти такрорӣ ба афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат карда истодааст.

Дар 15 соли охир дар соҳаи кишоварзӣ 42 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 3,7 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуд. Айни замон дар соҳаи мазкур татбиқи 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 1,5 миллиард сомонӣ идома дорад.

Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Тоҷикистон аз 27 - уми августи соли 2009 "Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014" дар майдони 50000 гектар боғу токзори нав бунёд гардида, барнома барзиёд иҷро карда шуд ва бо ҳамин роҳ беш аз 100 ҳазор ҷойи кории нав муҳайё гардид.

Бо мақсади идома бахшидани ин раванд, аз ҷониби Ҳукумат барномаи нави рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2016 - 2020 қабул гардид, ки тибқи он дар 5 соли оянда бунёди 20 ҳазор гектар боғу токзори нав пешбинӣ шудааст.

Дар иртибот ба ин, зарур аст, ки тавассуҳи соҳибкорони ватанӣ ба бунёди корхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир оид ба коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо, марказҳои логистикӣ, инчунин сардхонаҳои ҳозиразамон барои нигоҳдории меваю сабзавот равона карда шавад.

Солҳои охир афзоиши солонаи истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳисоби миёна беш аз 7 фоиз ва дар соли 2015 - ум 3,2 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳоло захираҳои бозори истеъмолии кишвар аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзии мамлакат ташаккул ёфта, ин раванд ба фаровонии бозори истеъмолӣ ва нархи маҳсулот таъсири мусбат расонида истодааст.

Аз ин лиҳоз, мехоҳам ба тамоми кишоварзони мамлакат барои заҳмати софдилона ба хотири афзун намудани истеҳсоли маҳсулот, фаровон гардонидани бозори истеъмолӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ изҳори сипос намоям.

саҳ. 4

# ПАЁМИ

## Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

саҳ. 3

Мо шароити бисёр мусоиди табиӣ ва захираву имкониятҳои зарурие дорем, ки дар сурати истифодаи пурра ва самараноки онҳо метавонем аҳолии кишварро бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин кунем, яъне масъалаи амнияти озуқаворӣ - яке аз ҳадафҳои миллиамонро ҳал намоем.

Дар иртибот ба ин, Ҳукумати мамлакат бояд тамоми монеаҳои мавҷударо дар самти содироти меваю сабзавот, аз ҷумла меваи хушк аз байн бардорад.

Дар шароити кӯҳсори Тоҷикистон ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ яке аз шартҳои асосии пешрафти иқтисоди миллӣ ба шумор меравад.

Дар солҳои истиқлолият дар соҳаи нақлиёти кишвар 45 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии зиёда аз 12 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, беш аз 2000 километр роҳҳои мошингард таҷдиду бунёд ва ба истифода супорида шудаанд.

Ҳоло дар соҳа татбиқи 14 лоиҳа ба маблағи умумии панҷуним миллиард сомонӣ идома дорад.

Соли 2015 азнавсозии шоҳроҳи мошингарди Душанбе - Турсунзода ба масофаи 57 километр ба маблағи беш аз 800 миллион сомонӣ ва шоҳроҳи Айнӣ-Панҷакент ба масофаи 113 километр ба маблағи беш аз 700 миллион сомонӣ анҷом ёфт.

Имсол азнавсозии роҳи мошингарди Восеъ - Ховалинг ба масофаи 88 километр ва ба маблағи 370 миллион сомонӣ ба анҷом мерасад.

Ҳамчунин, роҳи оҳани Душанбе - Қӯрғонтеппа (қисмати Ваҳдат - Ёвон) ба истифода супорида мешавад, яъне робитаи пойтахти мамлакат бо яке аз вилоятҳои калонтарини кишвар - вилояти Хатлон таъмин мегардад.

Мо дар замони истиқлолият беш аз 190 километр роҳи оҳан бунёд кардем.

Дар давоми соли 2016 корҳои сохтмону таҷдиди боз якчанд иншооти нақлиётии муҳим, аз қабили азнавсозии қисми роҳҳои автомобилгарди Душанбе - Турсунзода (аз муҷассамаи Ибни Сино то дарвозаи ғарбии шаҳр) ба маблағи 480 миллион сомонӣ ва Исфара - Хуҷанд ба маблағи зиёда аз 310 миллион сомонӣ оғоз мегардад.

Барои ба сатҳи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани роҳи мошингарди Душанбе - Кӯлоб - Қалъаихумб - Хоруғ - Кулма имсол оғози таҷдиди ду қисмати душвортарини он, яъне Кӯлоб - Шӯрообод ба масофаи 32 километр ва Шкев - Қалъаихумб ба масофаи 26 километр ба нақша гирифта шудааст, ки маблағи умумии он беш аз 800 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Имрӯзҳо корҳои омодасозии лоиҳа барои оғози таҷдиди роҳи мошингарди Қалъаихумб - Ванҷ ба масофаи қариб 110 километр ва арзиши умумии беш аз 2 миллиард сомонӣ идома доранд.

Танҳо дар амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт айни ҳол зиёда аз 3000 нафар кор мекунанд. Дар давоми соли 2015 дар маҷмӯъ, қариб 510 километр роҳ таъмиру таҷдид ва 140 пул сохта ва барқарор карда шудааст.

Илова бар ин, ба маблағи беш аз 70 миллион сомонӣ таъмиру таҷдиди роҳҳои байни шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои деҳот ба масофаи 324 километр ба анҷом расида, ғайр аз ин, аз ҳисоби Фонди эҳтиётии Президенти мамлакат дар 21 шаҳру ноҳияи кишвар 81 километр роҳҳои байнишаҳрӣ ба маблағи 90 миллион сомонӣ азнавсозиву таъмир шудаанд.

Дар робита ба ин, бори дигар роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро таъкид месозам, ки ба масъалаи вусъат бахшидани корҳои таъмиру таҷдиди роҳҳои дохилишаҳриву байниноҳиявӣ, байни ҷамоатҳову деҳаҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин, инчунин бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намудани аҳолӣ эътибори доимӣ диҳанд.

Ҳоло бо мақсади беҳтар кардани таъминоти аҳолии чандин шаҳру ноҳияи мамлакат бо оби тозаи нӯшокӣ 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии қариб 1 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Умуман, дар даврони истиқлолият бо ин мақсад дуюним миллиард сомонӣ сарф шудааст.

**ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!**

Бар асари бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ вазъи молиявии кишвар осебпазир гардидааст. Буҷети соли 2016 бо дарназардошти истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда ва иҷрои афзалиятҳои миллии муайяншуда дар ҳаҷми 18 миллиарду 300 миллион сомонӣ қабул шудааст, ки нисбат ба соли 2015 беш аз 3 миллиард сомонӣ ё 20 фоиз зиёд мебошад.

> ***Дар 15 соли охир дар соҳаи кишоварзӣ 42 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 3,7 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуд. Айни замон дар соҳаи мазкур татбиқи 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 1,5 миллиард сомонӣ идома дорад.***

Вале бояд гуфт, ки даромади буҷети давлатӣ ҳоло ҳам аз омилҳои берунӣ ва андозҳои ғайримустақим вобастагии зиёд дорад.

Дар ин шароит моро лозим меояд, ки сарчашмаҳои даромади буҷетро аз ҳисоби васеъ гардонидани фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ ва дигар манбаъҳо таъмин намуда, барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ доир ба истифодаи самараноки қисми хароҷоти он чораҳои мушаххас андешем.

Бинобар ин, Вазорати молия ва Бонки миллиро зарур аст, ки якҷо бо дигар мақомоти давлатии дахлдор бо мақсади мустаҳкам намудани устувории молиявии кишвар ва кам кардани хавфи пайдоиши бӯҳронҳо дар бозори молиявӣ, таъмини пешрафти фаъолонаи бозорҳои сармоя дар доираи ҳадафҳои стратегӣ баланд бардоштани самаранокии тақсими захираҳо, сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва иҷрои сариваҳтии ҳуҷҷатҳои қабулшударо таъмин намоянд.

Инчунин, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия якҷо бо Вазорати молия бояд назорати истифодаи шаффофу мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва фаъолияти корхонаҳои давлативу ҷамъиятҳои саҳҳомиеро, ки давлат дар онҳо саҳм дорад, пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсиониро пурзӯр намоянд.

Солҳои охир мавқеи низоми бонкӣ дар самти пешниҳоди қарз ба бахши истеҳсолӣ, афзоиши шумораи муштариён, тавсеаи шабакаҳои қарздиҳии хурд, ҷалби сармоя ва амонатҳои шаҳрвандон беҳтар шуда истодааст.

Соли 2015 ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи умумии беш аз 12 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 5 миллиард сомонӣ қарзҳои хурд додаанд, ки қариб 1 миллиарди онҳо ба ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон рост меояд.

Шумораи мизоҷони бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд дар давоми сол 15 фоиз зиёд шудааст.

Дар чунин шароит сиёсати пуливу қарзии давлат бояд бо роҳи беҳтар намудани шароити маблағгузории молиявӣ ва дигар хизматрасониҳои бонкӣ ба ҳавасмандсозии бахши воқеии иқтисодиёт барои ташкили истеҳсолот ва ҷойҳои нави корӣ нигаронида шуда, инчунин, ба хотири таъмини устувории пули миллӣ, баланд бардоштани пардохтпазирӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ, фаъолияти самарабахш ва бехатари низоми пардохтҳо чораҳои муассир ва сариваҳтӣ андешида шаванд.

Дар ин самт зарур аст, ки Бонки миллӣ, Вазорати молия ва Кумитаи андоз ҷиҳати таъмин намудани фаъолияти самараноку устувори низоми бонкӣ, ҷалби сармоя барои дастгирии бонкҳо ва қарздиҳӣ, беҳтар кардани сифати сандуқи қарзии бонкҳо ва дастрасии хизматрасонии бонкӣ ба мизоҷон, таҳкими инфрасохтори низоми пардохт бо истифода аз таҷҳизоту технологияҳои муосир ва фаъол гардонидани бозори коғазҳои қиматнок тадбирҳои иловагӣ андешанд.

**ВАКИЛОНИ МУҲТАРАМ!**

Давлат ва Ҳукумати кишвар таъмин намудани пешрафти соҳаи соҳибкориро яке аз самтҳои муҳими фаъолияти худ қарор дода, барои дастгирии соҳибкорон, таъмини шароити мусоиди ташаккули соҳа тавассути муқаррар кардани имтиёзҳои мухталиф дар соҳаи андозбандӣ, пардохти боҷи гумрукӣ, ҷорӣ намудани мораторий барои санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ тамоми чораҳои заруриро амалӣ месозад.

Бо мақсади рушди соҳибкории хурду миёна ва дастрасии соҳибкорон ба захираҳои қарзӣ мо аз ҳисоби буҷети давлатӣ Фонди дастгирии соҳибкориро таъсис додаем, ки то имрӯз дар 47 шаҳру ноҳия ба субъектҳои зиёди соҳибкории истеҳсолӣ бо фоизҳои паст дар ҳаҷми 95 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат додааст. Имсол ба фонди мазкур ҷудо намудани 120 миллион сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд фақат дар соли 2015 ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ зиёда аз 7 миллиард сомонӣ қарз додаанд, ки нисбат ба соли қаблӣ 26 фоиз зиёд аст.

Маҳз дар натиҷаи тадбирҳои дар самти беҳсозии фазои соҳибкориву сармоягузорӣ амалигардида мавқеи кишвари мо беҳтар шуда, тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар давоми солҳои охир 3 маротиба ба қатори 10 кишвари ислоҳотгари пешсаф дохил гардид.

Дар зарфи 10 соли охир дар кишвар беш аз 90 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 12 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, айни замон 63 лоиҳаи дигар дар ҳаҷми умумии зиёда аз 19 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Инчунин, танҳо дар соли 2015 ба маблағи беш аз 7,5 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб гардидааст, ки қариб 4 миллиард сомонии онро сармоягузории мустақим ташкил медиҳад.

Дар марҳалаи имрӯзаи рушд бахшҳои давлативу хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи афзалиятҳои муайяншуда бояд ширкати фаъолонаи худро идома диҳанд.

Илова бар ин, соҳибкоронро зарур аст, ки ба хотири васеъ намудани фаъолияти худ, ворид кардани технологияҳои муосир, афзоиш додани истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда, инчунин, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳарчи бештар кӯшиш намоянд.

**ҲОЗИРИНИ АРҶМАНД!**

Танзими давлатии муносибатҳои меҳнатӣ, шуғли аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, касбомӯзӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ ба суботи иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири бевосита дорад.

Амалӣ гардидани барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ имкон дод, ки дар 10 соли охир зиёда аз 1 миллион ҷойҳои кори доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, танҳо тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 315 ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки 30 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати таъмини бахшидан ба омодагии касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ раванди таълими касбиро ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва талаботи воқеии бозори меҳнат мутобиқ гардонанд.

Бо дарназардошти вазъи имрӯзаи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ ва бо ҷойи кор таъмин кардани шумораи ҳарчи бештари шаҳрвандон Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳо, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, инчунин соҳибкорон, масъулони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро зарур аст, ки бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо барои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ чораҷӯӣ намуда, ҷиҳати таъсиси курсҳои таълими касбу ҳунар ва забономӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.



Дар баробари ин, бояд ҷиҳати васеъ ба роҳ мондани корҳои хонагӣ, аз қабили қолинбофӣ, дигар навъҳои бофандагиву дӯзандагӣ ва умуман рушди косибиву ҳунармандӣ чораҳои муассир андешида шаванд.

Масъалаи омӯзонидани касбу ҳунарҳои гуногун ва тайёр кардани кадрҳои коргарӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулони вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, инчунин роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо буда, онҳо вазифадоранд, ки заминаҳои моддиву техникии таълимгоҳҳо, бахусус марказҳои таълими калонсолонро таҳким бахшанд ва барои омода кардани кадрҳои дар бозори меҳнат рақобатпазир ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари давлат соли 2015 дар ҳамаи муассисаҳои тарбияи кадрҳои коргарии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, беш аз 200 ҳазор нафар касбу ҳунарҳои нав омӯхтаанд ва барои фаъолият дар бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ омода шудаанд. Ин раванд бояд дар оянда идома ёфта, сатҳу сифати касбу ҳунаромӯзӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.

Дар робита ба ин, роҳбарону масъулини соҳаро зарур аст, ки бо истифода аз имкониятҳои коллеҷу литсейҳои касбиву техникӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи умумӣ марказҳои таълими калонсолон, инчунин курсҳои омӯзиши касбу ҳунарро ҳарчи бештар ташкил намоянд.

Ҳукумат барои таъмин намудани пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Бо мақсади иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд ислоҳот ва навсозӣ дар соҳаи маориф бомаром идома дорад. Ҳоло муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар пурра ба маблағгузории сарикасӣ гузашта, фаъолияти низоми молиявӣ дар ин муассисаҳо ба танзим даровarда шудааст.

Вобаста ба ин, вазоратҳои молия, маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати давра ба давра ба маблағгузории сарикасӣ гузаронидани зинаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ чораҷӯӣ намоянд.

Қобили зикр аст, ки соли 2016 барои тараққиёти соҳаи маориф 3 миллиарду 150 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба соли 2015 - ум 10 фоиз ва дар муқоиса бо даҳ соли пеш 13 баробар зиёд мебошад.

Соли гузашта аз ҷониби Ҳукумати мамлакат "Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020" қабул гардид, ки тибқи он дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо марказҳои таълимию тарбиявӣ барои кӯдакони лаёқатманд ташкил карда мешаванд.

Бо супориши Роҳбари давлат имсол дар шаҳри Душанбе бори нахуст дар сохтори Академияи илмҳои Тоҷикистон мактаби инкишофи зеҳнӣ бунёд гардида, Вазорати маориф ва илм вазифадор шудааст, ки ба Ҳукумати мамлакат барномаи давлатии таъсиси чунин мактабҳоро дар маркази ҳамаи вилоятҳо пешниҳод намояд. Бо ин роҳ мо барои рушди нерӯи инсонӣ ва ҷалби наврасон ба таҳсилоти муосири босифат имконияти бештар фароҳам меорем.

Бояд гуфт, ки мӯҳлати татбиқи Барномаи компютеркунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010-2015 ба охир расида, дар миқёси мамлакат 106 фоиз иҷро шуд.

Дар баробари ин, масъулони соҳаи маориф вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати таҳия ва ба баррасии Ҳукумати кишвар пешниҳод намудани "Консепсияи таҳсилоти муттасил барои солҳои 2016 - 2022" чораҷӯӣ карда, барои роҳандозӣ намудани чунин шакли таҳсилот тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Роҳбарони вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, инчунин ректорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ супориш дода мешавад, ки  дар давоми чор соли оянда масъалаи пурра бо омӯзгорони фанҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ, дар навбати аввал, русиву англисӣ таъмин кардани муассисаҳои таҳсилоти умумиро ҳал намоянд.

Инчунин, ҷиҳати ташкили курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимон мунтазам чораҷӯӣ карда, доир ба вазъи корҳо дар ин самт ба Ҳукумати мамлакат ҳар сол гузориш диҳанд.

Ҳоло аз 170 ҳазор донишҷӯёни кишвар 50 ҳазор нафар бо ихтисосҳои омӯзгорӣ ва беш аз 10 ҳазор  нафар аз рӯи ихтисосҳои тиббӣ таҳсил доранд.

Вале бо вуҷуди ин, имрӯз дар муассисаҳои тандурустӣ қариб 6 ҳазор табибон, 8100 нафар кормандони миёнаи тиббӣ намерасанд ва талаботи солона ба кадрҳои омӯзгорӣ 3600 нафар мебошад.

Бори дигар таъкид менамоям, киояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад. Дар хотир бояд дошт, ки танҳо миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд.

Вобаста ба ин, бори дигар ба падару модарон, масъулони таълиму тарбия, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми ҷомеаи шаҳрвандӣ мурожиат менамоям, ки барои аз мактаб дур намондани фарзандон саъю талош намоянд, ба илму донишандӯзӣ ва касбу ҳунаромӯзии наврасону ҷавонон диққати махсус диҳанд. Ҳамзамон бо ин, ҳамкориро бо мактаб тақвият бахшанд ва барои таълими фарзандон тамоми шароити заруриро муҳайё намоянд.

Ҳукумат ҷиҳати таъмини пояҳои моддиву техникии муассисаҳои илмӣ, бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани озмоишгоҳҳо, инчунин тайёр кардани кадрҳои илмӣ аз ҳисоби ҷавонони болаёқат чораҳои мушаххас меандешад.

Академияи илмҳоро зарур аст, ки минбаъд низ тамоми нерӯи илмии олимонро ба иҷрои ҳадафҳои стратегии кишвар равона сохта, масъалаҳои муҳими марбут ба иқтисодиёти кишварро таҳқиқ намояд ва дар пешрафти устувори мамлакат саҳми худро гузорад.

Инчунин, олимони соҳаҳои геология ва табиатшиносиро зарур аст, ки дар ҷустуҷӯ, омӯзиш, таҳлил ва ба захираҳои давлатӣ ворид намудани сарватҳои табиии кишвар бо вазорату идораҳои дахлдор ҳамкории  зич дошта бошанд.

Вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷаҳон, ки ба он буҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ таъсир мерасонанд, олимони ҷомеашиноси мо бояд дастовардҳои таърихии халқамонро бештар тарғиб намоянд ва таҳқиқоташонро ба тақвияти пояҳои давлату давлатдории миллиамон ҳамчун омили муҳимтарини ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ равона созанд.

Дар ин раванд муассисаҳои илмиро зарур аст, ки ҷиҳати ба сиёсати имрӯза мутобиқ намудани мавзӯъҳои фармоишӣ чораҷӯӣ карда, таҳқиқи масъалаҳои умдаи давлатдории миллиамонро бо дарназардошти пешрафти иқтисоди миллӣ,ояндаи кишвар ва ҳалли мушкилоти мубрами ҷомеа анҷом диҳанд.

Мо аз олимони худ, бахусус аз олимони ҷавон умеди калон дорем, ки дарояндаи наздик илмро дар асоси дастовардҳои инноватсионӣ ба истеҳсолоти ватанӣ васеъ татбиқ карда, бо ҳамин роҳ дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми арзишманди хешро мегузоранд.

Яке аз ҳадафҳои Ҳукумат дар ин самт дар хизмати соҳаи тиб қарор додани технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Солҳои охир дар муассисаҳои тиббӣ таҷҳизоти замонавӣ васеъ ворид гардида, ба ин восита сатҳи ташхису табобати беморон беҳтар шуда истодааст.

Аммо ихтисосмандоне, ки таҷҳизоту технологияҳои муосири тиббиро пурраву самаранок истифода бурда тавонанд, дар кишварамон ҳанӯз хеле каманд.

Дар баробари ҳалли масъалаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тайёр кардани чунин мутахассисон бояд яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти роҳбарону  масъулони соҳа бошад. Ҳамчунин бояд гуфт, ки то ҳанӯз нарасидани мутахассисони соҳаи тиб дар як қатор шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба мушоҳида мерасад.

Вазъи таъминот бо кадрҳои тиббӣ, хусусан, дар вилояти Хатлон нигаронкунанда аст. Дар ин вилоят, ки аҳолиаш беш аз 3 миллион нафарро ташкил медиҳад, ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 11,3 нафар табиб рост меояд, ки дар муқоиса бо дигар вилояту шаҳрҳои кишварамон нишондиҳандаи хеле паст мебошад.

Дар шаҳри Душанбе ин нишондиҳанда беш аз 77 нафар, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 23 ва вилояти Суғд 20 нафар мебошад.

Дар баробари ин, Донишгоҳи тиббӣ, ки дар мамлакат ягона мебошад, масъалаи тайёр кардани кадрҳоро дар ин соҳа пурра иҷро карда натавониста истодааст ва заминаи моддиву техникии он имкон намедиҳад, ки қабулро зиёд карда, талаботи кишварро вобаста ба афзоиши аҳолӣ дар муқоиса бо ҳафтоду ҳафт соли пеш, яъне соли таъсиси донишгоҳ, ки аҳолии Тоҷикистон аз якуним миллион нафар камтар буд, қонеъ гардонад.

Бо дарназардошти чунин вазъ, ба Ҳукумат, аз ҷумла вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм ва дигар сохтору мақомоти марбута супориш дода мешавад, ки барои таъсиси боз як муассисаи таҳсилоти олии касбии тиббӣ дар вилояти Хатлон ва то оғози соли нави таҳсил ба фаъолият шурӯъ кардани он чораҷӯӣ намоянд ва илова бар ин, ҷиҳати ташкили курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла истифодабарандагони таҷҳизоти электронии тиббӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

Ба Ҳукумат, аз ҷумла Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дигар вазорату идораҳои дахлдор ва роҳбарияти Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон супориш дода мешавад, ки дар бобати иҷрои пурраи талаботи Барномаи рушди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 тамоми чораҳои заруриро амалӣ карда, доир ба васеъ кардани пойгоҳи таълимӣ ва рушди инфрасохтори донишгоҳ дар мӯҳлати кӯтоҳтарин хулосаи асоснокшударо ба Президенти мамлакат пешниҳод намоянд.

саҳ. 6

Минбари халқ
20 январи соли 2016,
№3 (1035)

# ПАЁМИ

## Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

саҳ. 5

Ҳукумат маблағгузории соҳаи тандурустиро сол аз сол зиёд карда, соли ҷорӣ ҳиссаҷудокуниро ба ин соҳа ба 1 миллиарду 300 миллион расонид, ки ин рақам нисбат ба соли 2005 14 баробар зиёд мебошад.

Бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки имрӯз мутахассисони соҳаи тибби мо бо истифода аз имкониятҳои муҳайёкардаи Ҳукумат корро дар баъзе самтҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ба роҳ мондаанд. Дар натиҷа имрӯз барои ташхис ва табобат ба кишварҳои хориҷӣ рафтани шаҳрвандони мо хеле кам шудааст.

Инчунин, дар даҳ соли охир сатҳи гирифторшавӣ ба бемориҳои сироятӣ ба ҳисоби миёна 24 баробар, аз ҷумла нишондиҳандаи бемории сил 17 фоиз коҳиш ёфтааст.

Таҷрибаи дусолаи ҳамгироии масъалаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар самти солимгардонии маъюбон ва таъйину муқаррарсозии маъюбӣ, дастгирии иҷтимоии оилаҳои камбизоат, дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббӣ, фаъолияти муассисаҳои будубоши доимӣ ва тавонбахшии кӯдакони маъюб натиҷаҳои назаррас бахшид.

Мехоҳам махсус зикр намоям, ки ҳарчанд вазъи татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус таъмини кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ ба маъюбон, кӯдакони ятиму бепарастор ва оилаҳои камбизоат дар сатҳи маҳаллӣ хеле беҳтар шудааст, лекин кӯшиш бояд кард, ки ҷиҳати мунтазам беҳтар намудани зиндагии гурӯҳҳои осебпазиру ниёзманди ҷомеа шароити боз ҳам хубтар фароҳам оварда шавад.

Ҳукумати мамлакат масъалаҳоеро, ки ба сиёсати давлатии ҷавонон алоқаманд мебошад, дар маркази диққати худ қарор медиҳад ва барои дастгирии иқдомоти бунёдкоронаи ҷавонони кишвари соҳибистиқлоламон тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Мо бояд барои ҷавонон чунин шароите муҳайё созем ва онҳоро тарзе тарбия кунем, ки фарзандони мо дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд, илму донишҳои муосирро азхуд кунанд, касбу ҳунарҳои замонавиро омӯзанд ва оянда мақоми арзандаи худро дар ҷомеа соҳиб шаванд.

Мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар - Ватани худ содиқона хизмат мекунанд.

Дар ин росто, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, дигар сохтору мақомоти дахлдор, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи самараноки нерӯи созандаи ҷавонону бонувон, тарбияву интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ аз ҳисоби ҷавонон ва духтарону бонувони лаёқатманд ва донишманду соҳибмаърифат, инчунин ташвиқи онҳо ба донишандӯзӣ, азхуд кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

**ВАКИЛОНИ МУҲТАРАМ!**

Дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, торафт вусъат гирифтани низоъҳои байнидавлативу байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат барои мо масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад.

Вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амнияти миллӣ ва сохторҳои низомиро водор месозад, ки фаъолияти худро ба таври ҷиддӣ тақвият бахшида, барои иҷрои вазифаҳое, ки имрӯз дар назди онҳо қарор доранд, ҳамеша омода бошанд.

Роҳбарони сохтору мақомоти зикршуда вазифадоранд, ки дар баробари омодагии ҳаматарафаи ҳарбӣ ва касбии ҳайати шахсӣ ва кормандону хизматчиёни ҳарбӣ ба масъалаи тарбия ва обутоби ҷисмониву маънавии онҳо диққати доимӣ диҳанд.

Роҳбарон ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бояд дар иҷрои вазифаву уҳдадориҳои хизматиашон доим ҳушёру зирак бошанд, барои таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи суботу оромии ҷомеа бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир - терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ қотеъона мубориза баранд.

***Бо мақсади рушди соҳибкории хурду миёна ва дастрасии соҳибкорон ба захираҳои қарзӣ мо аз ҳисоби буҷети давлатӣ Фонди дастгирии соҳибкориро таъсис додаем, ки то имрӯз дар 47 шаҳру ноҳия ба субъектҳои зиёди соҳибкории истеҳсолӣ бо фоизҳои паст дар ҳаҷми 95 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат додааст. Имсол ба фонди мазкур ҷудо намудани 120 миллион сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба нақша гирифта шудааст.***

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва зарурати таъмини амнияту суботи кишвар баланд бардоштани сатҳи таъминоти моддиву техникӣ ва маблағгузории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишварро ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани тайёрии касбӣ ва омодабошии ҷангии онҳо тақозо менамояд.

Аз ин лиҳоз, ба Ҳукумат зарур аст, ки маблағгузории сохтору мақомоти зикршударо аз буҷети давлатӣ ҳар сол зиёд карда, таъминоти моддиву техникии онҳоро тибқи талаботи рӯз ва вазъи сиёсии ҷаҳон ба роҳ монад.

Рӯйдодҳои охири ҷаҳон, яъне боз ҳам тезутунд гардидани вазъ дар Шарқи Наздик, Осиё, Африқои Шимолӣ, Аврупо ва дигар минтақаҳои дунё нишон медиҳанд, ки терроризм ва экстремизм ба хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир табдил ёфтаанд.

Доманаи фаъолияти созмонҳои террористӣ торафт васеъ шуда, фаъолшавии онҳо, аз ҷумла дар ҳамсоякишвари мо - Афғонистон вазъиятро боз ҳам мураккабтар гардонидааст.

Хулоса, имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.

Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи "сиёсати дугона" нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад.

Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад.

Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд.

Боиси таассуф аст, ки баъзе созмонҳои байналмилалӣ аз ҷониби як қатор доираҳо ва давлатҳову фондҳо ошкоро маблағгузорӣ гардидани созмонҳои террористиву ифротгаро, поймолшавии ҳуқуқи инсон, аҳволи тоқатфарсо ва дар роҳи муҳоҷират дар баҳрҳо ғарқ шудани ҳазорон нафар гурезаҳо, аз ҷумла занону кӯдаконро нодида мегиранд.

Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки бар асари истифодаи қувва ва зӯрӣ дар равобити байналмилалӣ, дар ҳифзи манфиатҳои хеш рӯбарӯ омадани қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, зери фишори нерӯву унсурҳои бегона амалан аз байн рафтани низоми давлатдории як силсила кишварҳо ва вусъати торафт афзояндаи терроризму экстремизм вазъи ҳуқуқи байналмилалӣ хеле заиф шуда, истиқлолияти давлатҳои миллӣ осебпазир гардидааст. Намуна ва пайомадҳои чунин вазъро мо дар мисоли Сурия, Ироқ, Либия, Яман ва Афғонистон мебинем.

Ислоҳи ин вазъ таҳкими пойгоҳи ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва экстремизм, аз ҷумла дар санадҳои байналмилалӣ муқаррар намудани муҷозоти кишварҳои ба терроризм мусоидаткунанда, роҳандозӣ намудани тафтиши байналмилалии зуҳуроти терроризм ва мавриди муҳокимаи Суди байналмилалӣ қарор додани роҳбарони сиёсӣ ва ҳарбӣ, фондҳои ба ном хайрия, соҳибкорон ва дигар ашхоси ба терроризм мусоидаткунандаро тақозо менамояд.

Тоҷикистони соҳибистиқол, ки ҳанӯз солҳои навадуми асри гузашта даврони фоҷиабори муқовимат ба экстремизм ва терроризмро аз сар гузаронида, дар ин роҳ даҳҳо ҳазор талафоти ҷонӣ дода буд, ҳамеша дар сафи пеши мубориза бо ин зуҳуроти даҳшатноку нафратовар қарор дорад.

Воқеаҳои нангини аввали моҳи сентябр, яъне сӯиқасди табаддулоти мусаллаҳонаи давлатӣ, ки бо маблағгузориву сарпарастии бевоситаи роҳбарияти собиқ Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон сурат гирифтанд, бори дигар нишон доданд, ки баъзе доираҳои сиёсии хориҷӣ то ҳанӯз аз ниятҳои бадхоҳонаи худ нисбат ба миллати тоҷик даст накашидаанд ва мехоҳанд нақшаҳои харобкорона ва хоинонаи хешро бо дасти зархаридону гумоштагонашон амалӣ гардонида, ба сари мардуми мо низоми бегонаро таҳмил намоянд.

Вале хоинони миллати тоҷик ва хоҷагони хориҷии онҳо фаромӯш кардаанд, ки мардуми шарафманди Тоҷикистони соҳибистиқлол дигар намегузоранд, ки касе зиндагии орому осудаи онро мисли солҳои навадуми асри гузашта бо фитнаангезиву дасисабозӣ халалдор намояд ва халқи ободгари моро аз маҷрои созандагиву бунёдкорӣ берун созад.

Ҳамин буд, ки бо дастгирии фаъолонаи мардуми кишвар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муҳлати кӯтоҳтарин тавонистанд нақшаҳои ҷинояткоронаи террористонро барҳам зада, оромии Ватани азизамонро ҳифз ва таъмин намоянд.

Ҳодисаҳои зикршуда, равандҳои муосири сайёра ва вазъи минтақа ҳушдор медиҳанд, ки мо ҳаргиз зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва барои ҳимояи амният, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, волоияти қонун ва оромиву осудагии кишвари маҳбубамон ҳамеша омода бошем.

Вазъи бамиёномада фароҳам овардани заминаҳои дахлдори ташкиливу ҳуқуқӣ ва фазои оштинопазирро бо экстремизм ва терроризм дар сатҳи барномаи стратегии давлат тақозо дорад.

Аз ин лиҳоз, ба Прокуратураи генералӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ҳарчи зудтар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 таҳия ва пешниҳод намояд.

Дар доираи тақвияти мубориза бо терроризм ва экстремизм бояд номгӯи субъектҳои бо онҳо муборизабаранда васеъ ва дақиқ гардонида, дар баробари ин ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистидошта ва хиёнат ба Ватан, шарикӣ дар чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла нисбат ба ташкилкунандагон ва шахсони ба онҳо мусоидаткунанда пурзӯр карда шавад.

Бинобар ин, Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Маркази миллии қонунгузорӣ вазифадор карда мешаванд, ки муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои дахлдорро вобаста ба ин масъалаҳо ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда, оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба онҳо ба Ҳукумат хулосаҳои мушаххас пешниҳод намоянд.

Ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муқовимат ба истифодаи шабакаи интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ Вазорати корҳои дохилӣ, Ку-

митаи давлатии амнияти миллӣ, Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомоти марбутаро зарур аст, ки доир ба масъалаи таъсиси маркази мубориза бар зидди ҷиноятҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва кибертерроризм ба Ҳукумат пешниҳоди асоснок манзур созанд.

Бори дигар таъкид месозам, ки риояи қатъии қонунҳо, талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ ва тартибу интизом дар сохторҳои низомии кишвар бояд таҳти назорати доимии роҳбарони сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ ва мақомоти прокуратура қарор дошта бошад.

Мо на як бору ду бор изҳор доштаем, ки даромад аз муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ки ҳамасола дар ҷаҳон даҳҳо миллиард долларро ташкил медиҳад, яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҷузъи мубориза бо терроризм ва экстремизм маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон бо ин, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир боиси афзоиши беморechи нашъамандӣ гардида, ба генофонди миллӣ таҳдиди воқеӣ эҷод менамояд.

Аз соли 1994 инҷониб аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии Тоҷикистон беш аз 113 тонна маводи мухаддир, аз ҷумла 34 тонна героин мусодира карда шудааст, ки ин миқдор метавонист қариб 50 миллион нафарро ба бемории нашъамандӣ гирифтор намояд.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар бояд дар ин самт фаъолияти худро беҳтар намуда, ҷиҳати гузоштани садди устувор дар роҳи қочоқи маводи мухаддир, ошкор ва аз байн бурдани гурӯҳҳои муташаккили нашъаҷаллоб ва такмили тарзу усулҳои мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Яке аз хатарҳои дигаре, ки ба рушди устувори давлат монеъ шуда, ба нуфузу обрӯи он дар арсаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад, коррупсия мебошад.

Ҷиҳати мубориза бар зидди ин кирдори номатлуб солҳои охир дар кишвари мо заминаҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва ташкилӣ муҳайё карда шудаанд, вале ҷиҳати паст намудани шиддати омилҳои коррупсионӣ зарур аст, ки иштироки боз ҳам фаъолтари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт таъмин гардида, нисбат ба амалҳои коррупсионӣ фазои воқеан оштинопазир фароҳам оварда шавад.

Дар баробари ин, роҳбарони вазоратту идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳамаи хизматчиёни давлатиро зарур аст, ки ҷиҳати пешгирии ин зуҳурот дар тамоми сохтору мақомоти давлатӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

**ВАКИЛОНИ МУҲТАРАМ!**

Тоҷикистон ҷонибдори эҷоди воситаҳои самарабахши ба ҳам овардани ҳадафҳои миллӣ ва саъю кӯшишҳои байналмилалӣ, муттаҳид сохтани ҷаҳду талоши ҳамаи давлатҳои манфиатдор барои вокуниши муносиб дар рӯбарӯи таҳдиду хатарҳои замони муосир мебошад.

Мо имрӯз бори дигар эълон медорем, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати "дарҳои кушода", сулҳхоҳона ва беғараз буда, дар роҳи татбиқи он давлати мо омода аст, ки бо ҳамаи кишварҳои дунё робитаҳои дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои судманд густариш диҳад.

Дар ин росто, мо тавсеаи муносибатҳои созанда ва гуногунҷанбаи худро бо шарикони анъанавиамон, аз ҷумла Федератсияи Россия идома дода, дар раванди мубориза бо таҳдиду хатарҳои муосир ҳамкориҳои муассири дукишваррро тақвият ва таҳким хоҳем бахшид.

Тоҷикистон бо сиёсати хориҷии мусолиматомези худ ҷонибдори он аст, ки низоми имрӯз ташаккулёбандаи ҷаҳонӣ аз ҷангу низоъҳо, хушунату зӯроварӣ ва таассубу бадбинии миллӣ ва диниву фарҳангӣ комилан озод бошад ва бар пояи шарикиву ҳамкории баробару судманди ҳамаи кишварҳои ҷаҳон асос ёбад.

Ҳамаи хатарҳо ба сулҳу субот ва амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бояд бо роҳи созишу муколамаи созанда ва бар асоси муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун созмони глобалии танзимкунандаи муносибатҳои байналмилалӣ, бартараф карда шаванд.

**МУҲТАРАМ АЪЗОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН!**
**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

Мо бояд тамоми саъю талоши худро ба он равона созем, ки бо вуҷуди вазъи ноустувори молиявию иқтисодии дар ҷаҳон идомадошта бо заҳмати аҳлона ва иқдомҳои ободгаронаи мардуми шарифи Тоҷикистон се ҳадафи стратегии дар наздамон қарордошта, яъне истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва амнияти озуқавории кишварамонро таъмин кунем.

Дар ин раванд таъмини амният, сулҳу суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ ба хотири ҳифзу таҳкими дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, пешрафти босуботи иқтисоди миллӣ, азхуд кардан ва дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ ҷорӣ намудани навгониҳои илму техника, дарки масъалаҳои афзалиятдоштаи пешрафти мамлакат ва ҳалли сариваҳтии онҳо аз ҳар яки мо масъулияти дучандро талаб менамояд.

Инчунин ташаккул додан ва истифодаи босамари нерӯи инсонӣ, ҳалли масоили иҷтимоӣ, аз ҷумла таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ниҳоят, дастёбӣ ба сатҳу сифати шоистаи зиндагӣ барои сокинон аз қабили масъалаҳои аввалиндараҷае мебошанд, ки ҷиҳати иҷрои онҳо бояд тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа якҷоя ва аҳлона азму талош намоянд.

*Амалӣ гардидани барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ имкон дод, ки дар 10 соли охир зиёда аз 1 миллион ҷойҳои кори доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, танҳо тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 315 ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки 30 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳанд.*

Соли 2016 барои мардуми шарифи кишварамон соли таърихӣ, яъне соли таҷлили биступанҷумин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамон мебошад ва ба итминон дорам, ки ин санаи бузургу тақдирсозро мо ҳама якҷо бо дастовардҳои арзанда истиқбол мегирем.

Бо дарназардошти ин, аз аъзои Ҳукумат, ҳамаи роҳбарону масъулон, хизматчиёни давлатӣ, кормандони сохтору мақомоти давлатӣ ва корхонаву муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, инчунин аз ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсти кишвар, аз ҷумла шумо - вакилони муҳтарам, тақозо мегардад, ки дар чунин давраи таърихӣ аз ҳарвақта бештар масъулиятшинос бошед.

Ҳар яки мо вазифадорем, ки бо амалисозии иқдому ташаббусҳои неку созанда ба хотири боз ҳам таҳким бахшидани дастовардҳои истиқлолият, тақвияти иқтидори иқтисодии давлат, беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ободии Ватани азизамон бо роҳи ҳарчи зудтар расидан ба ҳадафҳои стратегии миллиамон қарзи фарзандӣ ва рисолати шаҳрвандии худро дар назди халқ ва давлати Тоҷикистон содиқонаву софдилона иҷро намоем.

Мову шумо дар даврони соҳибистиқлолӣ борҳо марҳалаҳои мушкилу сангинро паси сар намуда, аз ҳолатҳои бисёр вазнин сарбаландона баромадем, аз ҷумла хатари нестшавии давлат ва парокандa гардидани миллатро бартараф кардем ва ба пешрафти давлату ҷомеа муваффақ шудем.

Ҳамаи мо вазифадорем, ки бо шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва сулҳу оромии кишвар, ба хотири фардои неку ободи Ватанамон ҳарчи бештар заҳмат кашида, Тоҷикистони маҳбубамонро боз ҳам ободу зебо гардонем.

Мову шумо ба хотири боз ҳам беҳтар гардонидани шароити рӯзгори мардумамон бояд дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ сарфаю сариштакор бошем, зиёдаравӣ накунем ва фарзандонамонро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоем.

Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк намудаанд, ки устувор намудани пояҳои давлату давлатдории миллӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодӣ, пеш аз ҳама, ба густариши эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори ватандорӣ вобастагии мустақим дорад.

Ман ҳоло бо итминони комил гуфта метавонам, ки мо бо такя ба нерӯи созандаи мардуми соҳибмаърифати худ ва бо заҳмати содиқонаву софдилонаи онҳо ба ҳамаи мақсадҳои некамон ва дар навбати аввал, фароҳам овардани шароит барои зиндагии шоистаи ҳар як сокини мамлакат наздик шуда истодаем.

Дар роҳи расидан ба ин ниятҳои нек ва иҷрои ҳадафҳои созанда халқи заҳматкашу матинирода, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу сарбаланди кишварамон, инчунин ҳамватанони бурунмарзиамон, ки дар кишварҳои гуногуни олам кору зиндагӣ доранд, ҳамеша дастгиру пуштибони сиёсати давлат мебошанд.

Барои чунин дастгирии самимона ба хурду бузурги кишвари азизамон сидқан сипосу миннатдорӣ изҳор менамоям.

Дар амри амалӣ гардонидани нияту нақшаҳои неку созанда ва иҷрои рисолати пурифтихори ватандорӣ ба кулли мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳамватанони бурунмарзиамон ва ба ҳамаи шумо, ҳозирини арҷманд, саломативу хушбахтӣ ва рӯзгори босаодат орзумандам.

**ҲАМЕША САЛОМАТУ ХОНАОБОД БОШЕД!**

*20.01.2016, шаҳри Душанбе*



Муддатҳо буд, ки бози давлат аз сари миллати мо дур шуда, ҳимматеро чашмдор буд, ки онро боз гардонад. Ин бози давлате, ки дар асотирҳои мо ҷой дорад, ҳамоно худшиносии миллӣ аст. Миллат ба туфайли бой гардидани хотираи таърихияш, ки хидмати бевоситаи Президент Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аст худашро шинохт, худшиносии вай ба ҷое расид, ки барои оламиён онро ҳамчун пешво муаррифӣ кард ва худ бо ин амалаш сазовори фахр аст. Ва сазовор аст, ки доҳии шинохтае ба мисли Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дошта бошад. Мардуми ҷаҳон эътироф шудани Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун падидае қабул карданд, ки дар бораи худшиносӣ ва комилии миллат шаҳодат медиҳад.

Раиси Маҷлиси Уммаи давлатии Қувайт дар ин маврид иброз намуд, ки "дар давлати Қувайт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ, ки дар Ховари Миёна хеле машҳур аст, мешиносанд. Мардуми дунё бояд аз Шумо тоҷикон қадрдониву эҳтиром гузоштанро нисбати Сарварашон омӯзанд".

Агар ҳиммати миллат ва Президенти он баланд намебуд, ҳам миллат ва ҳам Президент ба чунин мақом ноил намешуданд.

*Ҳиммат баланд дор, ки назди*
*Худову халқ,*
*Бошад ба қадри ҳиммати*
*ту эътибори ту.*

Маркази Ташкилоти ҷамъиятӣ - байналмилалии фонди "Диалоги Авруосиё" Шумо Ҷаноби Олиро ҳамчун пешвои миллат сазовор шуморида бо ин эътирофи мардуми ҷумҳурӣ ва берун аз он ҳамовоз шуда Шуморо табрик ва муборакбод мегӯянд.

**Нодир ОДИЛОВ,**
*Раиси Раёсати Ташкилоти ҷамъиятӣ - байналмилалии фонди "Диалоги Авруосиё"*

# ШӮРОИ СОБИҚАДОРОНИ ҲХДТ ТАЪСИС ДОДА ШУД

**13 январ таҳти раёсати Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Саидмурод Фаттоҳзода маҷлиси тадорукотии Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барпо гардид.**

**МАВСУФ** зимни сухани ифтитоҳӣ иброз дошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зери роҳбарии Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро ба таври густурда роҳандозӣ намуда, аз тамоми имкониятҳо истифода мебарад, то ки ҳадафу ғояҳои созандаи ҳизб ва давлату ҳукуматро ба қишрҳои мухталифи ҷомеа фаҳмонад ва ҷиҳати татбиқи онҳо иқдом намояд.

Дар ин росто, Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки бо Қарори Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб таъсис дода шудааст, метавонад нақши муассир ба арзишманд дошта бошад.

Собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз ҷумлаи гурӯҳҳои фаъолу содиқ ва устувору собитқадами ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Онҳо дар ҳолатҳои барои миллат ва давлат душвору сарнавиштсоз зери роҳбарии хирадмандонаи Раиси ҳизб, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон барои татбиқи ғояҳои низоми давлатдории миллӣ, ки аз ҷониби роҳбари муаззами мамлакат муайяну мушаххас гардидаанд, саҳми худро гузоштаанд. Мо эътимод бар он дорем, ки ташкилотҳои ҳизбӣ маҳорату таҷрибаи собиқадорони ҳизбро минбаъд низ дар корҳои рӯзмарраашон ба таври самарабахш истифода мебаранд.



Чуноне ки Пешвои ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб ба таърихи 4 декабри соли 2015 қайд намуданд: **"Мо бояд нисбати собиқадорони ҳизб бетафовут набошем. Таҷрибаи онҳоро ҳамаҷониба истифода карда, дар синни нафақа нисбати онҳо ғамхорӣ зоҳир кунем. Бояд собиқадорон дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ муттаҳид карда шаванд ва дар мактаби маҳорату истеъдодашон кадрҳои ҷавон тарбия гиранд."**

Тибқи дастури Раиси ҲХДТ фаъолияти Шӯро бояд беҳтар гардонида шуда, таҷрибаи ғании собиқадорон дар бобати тарбияи ҷавонон, тақвияти арзишҳои ватандорӣ, худшиносӣ, эҳтироми суннатҳои миллии мардум ва таблиғу ташвиқи дастовардҳои мамлакат ба манфиати миллат ва ҷомеаи кишвар мавриди истифода қарор дода шавад.

Вобаста ба талаботи Низомнома ин ниҳоди ҷамъиятии ҳизб фаъолияти худро дар ҳамкории зич бо Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба роҳ мемонад. Бовари дорем, ки Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар тарбияи сиёсию маърифатӣ ва ахлоқию маънавии ҷавонон дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, тарғиби ҳамаҷонибаи Оиннома ва барномаҳои ҳизб бо фаъолияти ибратомӯз, истифодаи таҷрибаю малака ва кордонии аъзои худ баҳри пешрафту шукуфоии Ватан саҳми муносиби худро мегузоранд, афзуд С. Фаттоҳзода.

Баъдан дар ҷаласа дар асоси Низомномаи Шӯро масъалаҳо оид ба ҳайати Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, дар бораи таъини Раис, муовинон ва котиби Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, нақшаи кории Шӯрои собиқадорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба рушди ахлоқу маънавиёт ва пешгирии омилҳои ифротгароии ҷавонон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Бо маслиҳат ва пешниҳоди Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Руқия Қурбонова-Раиси Шӯрои собиқадорони ҳизб, Амиршо Миралиев, Давлаталӣ Давлатзода, Сафар Сафаров - муовинони Раиси Шӯро ва Латофат Шарифова - котиби Шӯрои собиқадорон интихоб шуданд.

**Усмон СОЛЕҲ,**
*сухангӯи ҲХДТ*

**Ҳамкориҳои байни Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Ҳизби Коммунистии Хитой дар доираи созишномаи ҳамкорӣ, ки чанд сол қабл ба имзо расида буд, густариш меёбанд.**

# ТАТБИҚИ ЛОИҲА ДАР ДОИРАИ СОЗИШНОМАҲОИ БАЙНИҲИЗБӢ

**Я**К сол қабл бо дастгирии ҲХДТ ва ҲКХ созишномаи сеҷониба миёни Ташкилоти ҷавонони ҲХДТ "Созандагони Ватан", Фонди сулҳ ва ҳамкории Хитой ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба расонидани кӯмаки техникӣ дар ҳаҷми зиёда аз 300 ҳазор доллари ИМА ба имзо расида буд.

14 январ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ маросими муаррифии татбиқи лоиҳа бо иштироки муовини Раиси ҲХДТ Раъно Бобоҷониён, сафири Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон Юе Бин, муовини вазири маориф ва илми Тоҷикистон Б.Одинаев, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон Н. Салимӣ, мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо созмонҳои ҷамъиятии Дастгоҳи КИМ ҲХДТ А. Ҳомидов, Раиси ТҶҶ "Созандагони Ватан" А. Раҳмонзода ва кормандону донишҷӯёни донишгоҳ доир гардид.



Зимни муаррифии лоиҳа зикр шуд, ки дар доираи ҳамкориҳои техникии сеҷониба донишгоҳ акнун соҳиби синфхонаҳои нави лингофонӣ, матбаа, синфхонаҳои лабораторӣ, компютерӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷию фанниии муҷаҳҳаз бо васоити муосири техникӣ гардид. Ин имконият медиҳад, ки сифати таълим дар ин даргоҳи илму маърифат боз ҳам беҳтар шавад.

Бояд иброз намуд, ки лоиҳаи мазкур дуюмин лоиҳае мебошад, ки дар доираи ҳамкориҳои байниҳизбӣ амалӣ карда мешавад. Ёдовар мешавем, як сол қабл дар Литсей-интернати Президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин лоиҳа татбиқ гардида буд.

**А.ДӮСТОВ**

*Рӯйдодҳои ахири бархе аз шаҳрҳои Олмону Фаронса бори дигар касро бовар мекунонад, ки зиндагии орому осуда дар Ватан чи қимате дорад. Ҳамагӣ чанд моҳе қабл мо шоҳиди ба таври оммавӣ ворид гаштани гурезагони кишварҳои ҷангзадаи Сурияву Афғонистон, Ироқу Африқо ба Аврупо гаштем. То андозае истиқболу ҷобаҷо кардани қисмати ба истилоҳ хушбахти онҳоро аз ҷониби кишварҳои демократии хеле мутараққиву ба қавли худи онҳо ҳимоятгари ҳуқуқи инсонро дида, шояд ба дил умедворӣ доштем, ки ақаллан бархе аз инсонҳое, ки гирифтори бадбахтиҳои муноқишаҳои абарқудратонанд, акнун аз марг раҳоӣ меёбанд. Нафароне ҳам буданд, ки бо ҳасад ба онҳое, ки дар Аврупо бо сарпаноҳ таъмин гаштаанд, менигаристанд. Зеро онҳо дар кишварҳои пешрафтае сокин хоҳанд гашту зиндагии шоҳонаву осудаеро бояд соҳиб гашта, комилҳуқуқу озод бояд мезистанд. Вале шояд кам касон дарк мекарданд, ки: "панири ройгон танҳо дар мушқаппак аст". Оре, то ба имрӯз боре нашунидаем, ки ғарибу ҳуббулватане шоду озод зиста бошад.*

# ОЛМОНИҲО АЗ ИСЛОМ МЕТАРСАНД

## Ё АЗ СИЁСАТИ МЕРКЕЛ?



Ҳанӯз ин "аврупоигаштагон" соҳибмакону соҳиби як даҳан нон нагашта, чӣ рӯзе ба сарашон наомад, ки мақоли "аз борон гурехтану ба новардон дучор гаштан"-ро мемонад.

Аврупоиён на ҳама ба бадбахтиҳои ин гурезагон раҳмбадил шуданду на ҳама аз ҳуқуқи онҳо чун инсон ба зиндагонии беҷангу одамвор розӣ. Якеро аз фавҷи вуруди мусулмонҳо ба Аврупо, исломишавии кишвараш ба таҳлука меоварду дигареро кам гаштани луқмаи нонаш. Вале ин ду омили на он қадар асоснокро оппозитсияи сиёсати давлатӣ нокомил шумурдаву дар пайи ёфтани баҳонаҳои дигар гаштанд. Чунин сабаб ҳам одамонро зиёд маътал накарда, дарров рӯ зад. Шаби таҷлили соли нав шояд чанд ҷавони масти африқоиву араб чун ҳама касони сархуш, ки барои амали худ зимни мастӣ ҷавоб дода наметавонанд, ба корҳои ношоистае даст зада бошанд. Шояд. Мо на ҳукм карда метавонему на исрори рад, зеро барои рад кардан ё тасдиқи хабарҳои дар ин мавридд пахшнамудаи воситаҳои ахбори хориҷӣ далеле ҳам надорем. Вале зиёда аз даҳ рӯз аст, ки дар сархати хабарҳо масъалаи таарруzи шаҳвонии занони шаҳри Кёлни кишвари Олмон аз ҷониби гӯё муҳоҷирини мусулмон ҷойгузин гашта чун як хатари бузурги ҷаҳонӣ аст. Тибқи хабарҳои охир ва наворҳои телевизионҳои давлатии Россия ҳазорҳо ҷавонони олмонӣ ба кӯчаву хиёбонҳо рехта талаби истихроҷи мусулмононро аз кишвари хеш доранд. Агар дар оғози ин маъракаҳои зидди гурезагон сухан аз тарси мардум перомуни таҳдиди риояи баъзе аз ойинҳои исломӣ аз ҷониби худи онҳо ва роиҷ гаштанашон дар Аврупо мерафт, баъдан талаби ҳамоишгарон торафт сиёситар гашта истеъфои Канслери Олмон Ангела Меркел ва бо гурезагон аз кишвар берун шудани ӯро ҳам мақсад қарор додаанд. "Меркел гурезагони худро бигиру аз ин ҷо дафъ шав!"- садо медиҳад аз забони тазоҳургарон ва хонда мешавад аз шиорҳои онҳо. Тазоҳургарон муҳоҷиронро "гуруҳҳои террористии ҳарбӣ" хонда дигар ба онҳо раҳму шафқат чи, ки дар ин зимистони сард сарпаноҳи муваққатиро ҳам дареғ дошта, ба таври ваҳшиёна ҷойҳои будубоши онҳоро оташ зада, латукӯбашон мекунанд. Ин норозигии гурӯҳҳои алоҳида ба он оварда расонид, ки инак аз муҳоҷирин барои он сарпаноҳҳои муваққатӣ ҳам, ки қаблан ройгон буданд, пул талаб мекардагӣ шудаанд. Ҳамчунин онҳо акнун барои як бистари хоб ё нону намак ҳам бояд маблағ пардохт намоянд. Гузашта аз ин бо сахттар шудани режими будубоши муҳоҷирин акнун қароре ба амал бароварда шуд, ки аз дасти гурезагон ноотбук, соат, телефон ва дигар ашёҳои қиматбаҳояшон кашида гирифта мешаванд. Ин амалҳо садҳо неонеисту неофашистонро шерак кардааст, ки онҳо акнун ба муқобили сохти сиёсии давлатӣ бархезанд ва барои сангинтар шудани қонунгузории давлаташон дар муқобили муҳоҷирину гурезагон истодагарӣ намоянд.

Коршиносони олмонӣ бар ин назаранд, ки танҳо 10 фисади муҳоҷирон нияти меҳнат кардан доранду тахассуси ҷойи кор ёфтан, боқимондаҳо сарбории андозсупорандагон гаштаву дардисари мардум хоҳанд шуд. Дар ҳоле, ки гурезагонро хатари депортатсия таҳдид мекунаду он азобҳои то Аврупо расидану ҷони хешро аз чанголи ҷангу марг раҳониданашон дар қиболи таҳқиру азобҳои сангин дар қафо мегузоранд, бешак аксариятро дар пеш марги яқин мунтазир аст. Зеро дар ватани хеш онҳо макон надоранду дар кишвари бегона онҳо душмани дину мазҳаби соҳибватанонанд. Инак, онҳоеро, ки маҳз сиёсати пуштипардагии ғарбу аврупо гӯё бехонумон кардааст, ломакону муаллақ миёни замину осмон хоҳанд монд. Дар ҳоле, ки на ҳамаи гурезагон ҷавонанду ба қавле ғуломи шаҳват, чуноне, ки онҳо муқассир дониста мешаванд вале касе дигар дар бораи занону пиронсолон ё тифлакону беморони бехонумонгаштаи қурбонии сиёсатҳо гашта нест?

Дастгир гаштани 28 нафар ҷавонон бо ҷурми гумонбаршавӣ дар ҳодисаҳои шаби Соли Нав ё муттаҳам гаштан бадастдарозии шаҳвонӣ нисбати духтарони шаҳри Кёлн, ҳанӯз оғози кор аст. Зеро теъдоди онҳое, ки дар шаҳрҳои дигари Аврупо ба пулис дар ин мавридд муроҷиат мекунанд, рӯз аз рӯз бештар мегардад. Кӣ кафолат медиҳад, ки фардо ба гурезагон ҷурми дигаре бор намегардад? Ногуфта намонад, ки муҷримии онҳо гӯё дар гум шудани маблағҳои одамон ё ҳолати дуздии хонаҳои ашхоси алоҳида на як бору ду бор аз расонаҳо то имрӯз садо додааст. Фардо ҳар чизи дигареро ҳам дар мавриди онҳоро метавон чашмдор шуд.

Аммо дар муқобили ин сару садоҳои таҳаммулнопазирӣ алайҳи гурезагон , дар баъзе шаҳрҳои дигари ин кишвар ҳамоишҳое доир мегарданд, ки муқобили нажодпарастӣ, миллатгароӣ ва ба тарафдории нигаҳдошти муҳоҷирин мебошанд.

Аз мусоҳибаи нафарони дигар аз телевизионҳо бармеояд, ки мухолифони андешаҳои ин тазоҳургарон кам набуда, ҳушдор медиҳанд, ки ба таҳаммулпазирӣ нисбати гурезагон ва хушунати шаҳвонии алайҳи духтарон дар шаби соли нав дар Кёлн рухдода, фарқ бояд гузоранд, зеро ин ду чизи тамоман дигаранд.

Ҳанӯз ҳам ҷомеаҳои демократии Олмон ва дигар кишварҳои Аврупо дар шароити зиду нақизи андешаҳои сиёсӣ зиста ба ҳам намеоянд. Бо назарҳои гуногуни мухолиф ва бо қабули ҳархелаи рӯйдодҳои ахири кишварашон дар иртибот ба буҳрони муҳоҷирин, вазъ хеле нором аст.

Метавон ҳадс зад, ки ақидаҳои бештар тарғибшавандаи тазоҳургарони аввалӣ, ки бо талаби аз Олмон рондани гурезагон ба майдон баромадаанд, аз онҳое, ки ҳамдиёрони худро ба таҳаммулпазирӣ мехонанд, хашинтар ва аз ҷиҳати теъдод бештар буда, тарафдорони зиёдтар доранд. Ин бошад шояд бар ғалабаи ақидатии олмониҳо мусоидат намуда, бар зарари муҳоҷирон анҷом ёбад, ки оқибати хайреро дар ин ҳол мунтазир шудан аз ҳақиқат дур аст.

Зеро тибқи хабарҳои баъдии ВАО-и Россия гӯё 5 нафар ҷавонони "симои арабӣ" дошта, духтарчаи руси ноболиғеро, ки сокини Олмон аст, таҷовузи гурӯҳӣ кардаанд. Ин хабар аз нақли духтарча оварда шуда, бо як навори бесадое, ки гӯё як ҷавони араб ба дигараш дар ин бора қисса кардааст, "мустаҳкам" гардида дар шабакаҳои телевизионӣ гаштаю баргашта паҳн мегардад.

Чунин наворҳои хабарсози интернатӣ мардуми Аврупоро албатта ба таҳрик меораду нафраташонро ба муҳоҷирин бедор месозад, ки оқибат иқдомҳои ҷиддитаре дар ин самт гузошта мешавад. Масалан давлати Шветсия билохира тасмим гирифт, ки аз ҳайати кишварҳои узви Шенген бароияд, то битавонад сарҳадҳои худро аз муҳоҷирину гурезагони мусулмон эмин нигаҳ бидорад.

Дар барномаи "Шоми якшанбе"-и Владимир Соловёв, ки ҳар ҳафта дар телевизиони давлатии Россия пахш мегардад, ин журналист гуфт: "Аврупои таҷовузшуда", оё айният ё мутобиқати комили худро минбаъд нигоҳ дошта метавониста бошад?" Ӯ тамошобинонро муътақид месохт, ки ин кӯрнамакиро гурезагон бар ивази некиҳои аврупоиҳо кардаанд.

Қонунгузории амалкунандаи Олмон айни ҳол иҷоза намедиҳад, ки муҳоҷиронро, ки тавассути дастгирии сиёсати давлатии кишвар, хоса таваҷҷӯҳи канслери Олмон Ангела Меркел, ки дар ин давлат хуш қабул кардаву сарпаноҳ дода буданд, биронанд. Вале кӣ кафолат медиҳад, ки ворид кардани тағйирот ба қонун барои депутатҳои немис кори душворе дошта бошад.

Шояд барои хонандаи закӣ шарҳ додани "Хоки ватан аз тахти Сулаймон хуштар" зарурат надорад. Мардум гуфтаи хуби дигаре ҳам доранд: "Биҳишт хуб аст, вале агар ба он роҳ надиҳандат чӣ?" Оре, он ҷое, ки мо нестем, шояд дар назарамон хуб аст, вале аз ватани худи мо дида дигар ҷое бeминнату осудаву хуб нест. Месазад, ки ба қадри ин Ватани озоду хонаи ободи худ бирасем ва фирефтаи "биҳишт"-и ваъдагии дигарон нагардем. Пайи ободии хонаву дари хеш бошему фазои ороому осудаи кишварамонро қадр намоем. Мурдаи кафангадову зиндаи ватанҷудо нашудан ҳам ба ақлу дарки инсонҳо вобаста аст, зеро ғаразу бухлу кин ва ҷоҳталабиву мансабталошии бархе аз ҳамватанони собиқи мо ва хоиниву худозадагии онҳо бояд дарси ибрати дигарон бошад. Ба қадри ҳар зарраи хоки Ватан бирасед, эй ҳамватанон, ки танҳо он хонаи шумост.

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

## ДАР ПОКИСТОН НАВРАС ДАСТИ ХУДРО КӮТОҲ КАРД

**Имоми покистоние, ки яке аз шогирдонаш дасташро бо табар зада кӯтоҳ кард, боздошт шуд. Чуноне ки пулиси маҳаллӣ иттилоъ дод, ин шогирд баъд аз суоли он ки "Кадоме аз шумо Паямбар Муҳаммадро дӯст намедорад?" иштибоҳан дасти худро боло бардоштааст.**

**Имом шогирдашро баъд аз ин таҳти тавҳину маломати сангин қарор дод ва субҳи дигар ин наврас ба синф бе дасти худ (ҳамоне, ки бардошта буд) баргашт. Тибқи хабари матбуоти маҳаллӣ, навраси 15-сола дасти худро рӯйи табақ ба назди имом овардааст. Баъдан навори видеоие пайдо шуд, ки дар он волидайни наврас мегӯянд, ки "аз ин амали писарашон фахр доранд". Сокинони деҳае, ки писарбача дар он ба сар мебарад, акнун назди ӯ омада, қисми боқимондаи дасти ӯро мебӯсанд. Имом бо ҷурми таҳрик додан ба содир намудани амале, ки ба наврас ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ овардааст, боздошт шуд.**

**-Барои чунин имомони бесавод маъвиза кардан мумкин нест. Боздошти ӯ тибқи чорчӯбаи нақшаи умумимиллии муқовимат алайҳи хушунат сурат гирифтааст. Чунин маъвизаҳову даъватҳо дар кишвар акнун мамнӯъ ҳастанд,-иброз дошт намояндаи пулис дар суҳбат бо ВАО-и маҳаллӣ.**

**Хабари ба даст расида бори дигар аз ҷаҳолатпешагӣ ва муттаассибии аъзои ҷамоате дарак медиҳад, ки бо мо дар як минтақа ба сар мебаранд. Бархе аз ин "покизагон" имрӯзро низ даврони ҷаҳолати асримиёнагӣ гумон карда, аз пешрафти ҳайратовари илми муосир ё хабар надоранд, ё дидаву дониста чашм аз он мепӯшанд. Акнун бубинед, онҳое, ки дар орзуи сохтани чунин "ҷамъияти покҳо" ҳастанд, ки чи гуна ҷамъиятеро шумо мехоҳанд иҷборан ба сари дигарон бор кунанд. Аммо чархи гардунро дигар натавон ба ақиб гардонд ва чунин ҷаҳонбинии маҳдуди орӣ аз таҳаммулпазириву инсондӯстӣ фақат моли ашхоси тангназари бесавод хоҳад монд...**

**Азамат ДӮСТОВ**

## *МАРД БИНИИ ҲАМСАРАШРО БУРИД*

***Ҳодисаи буридани бинии ҳамсар аз ҷониби шавҳар дар вилояти Форёби Афғонистон шаби 17 январ боз як далели афзоиши хушунати хонаводагӣ дар ин ҷумҳурии ҳамсоя аст. Айни ҳол ин зан дар беморхонаи шаҳри Маймана - маркази вилояти Форёб бистарӣ шудааст.***

***Бино ба иттилои масъулини шифохонаи Маймана наздикони ин зан, ки Резагул ном дорад, вақти ба беморхона омадан, қисмате аз бинии буридашударо бо худ овардаанд. Тавре хабар дода мешавад, Резагул дар давоми шаш соли оиладориаш борҳо аз ҷониби шавҳараш мавриди лату кӯб қарор гирифта, ҳатто шавҳараш ӯро ба марг таҳдид кардааст. Деҳае, ки ин воқеа рух додааст, таҳти назорати Толибон қарор дошта, шавҳари Резагул пас аз ин ҳодиса фирор кардааст. Табибони гуфтаанд, ки онҳо имкони ҷарроҳии бинии ин хонумро надоранд ва танҳо метавонанд роҳи ҷорӣ шудани хунро банданд. Қаблан низ як мард дар Афғонистон бинии зани худро бурида буд ва сарбозони НАТО ин хонумро барои табобат ба Амрико бурданд.***

**А. ҶӮРА**

# ШОҲИЁН: ИСЁНИ НАЗАРЗОДАРО РОҲБАРИ ҲНИТ САРМОЯГУЗОРӢ КАРДААСТ

**Шермуҳаммад Шоҳиён, Раиси Суди Олии Тоҷикистон рӯзи 18-уми январи соли равон, дар нишасти матбуотии ин ниҳод гуфт, ки сармоягузории ошӯби Абдуҳалим Назарзода, собиқ муовини вазири мудофиаи Тоҷикистон аз сӯи роҳбарони Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) сурат гирифтааст.**

Вай дар ҷамъи хабарнигорон изҳор дошт, ки даъвои Прокурори генералии Тоҷикистон оид ба манъи фаъолияти ҲНИТ ва ҳамчун ташкилоти экстремистиву террористӣ эътироф кардани ин ҳизб, ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гадида буд. Бо ҳалномаи Суди Олӣ аз 29 сентябри соли 2015, фаъолияти ҲНИТ дар ҳудуди Тоҷикистон манъ карда шуд ва ин ҳизб ҳамчун ташкилоти экстремистӣ-террористӣ эътироф гардида, рӯзномаву вебсайтҳои он баста шуд.

Раиси Суди Олӣ ҳамчунин илова намуд, ки дар ҳодисаҳои аввали моҳи сентябри соли 2015, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Ваҳдат сурат гирифт, бино ба маълумоти дастрасшуда маблағгузорӣ ва ҳамчунин омодасозии баъзе маводҳо аз ҷониби роҳбарияти ҲНИТ сурат гирифтааст. Шумораи афроде, ки чунин кирдорро содир кардаанд, хеле зиёд аст ва ҳоло тафтиши парвандаи онҳо ба итмом нарасидааст.

Шермуҳаммад Шоҳиён мегӯяд, мардуми Тоҷикистон бояд донанд, ки маҳз барои ба ҷиноятҳои махсусан вазнин даст задани роҳбарияти ҲНИТ, бар хилофи Оинномаи ҳизб амал намудану содир кардани ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ ва дигар ҳолатҳое, ки гунаҳгории роҳбарияти ҲНИТ ва баъзе аъзои ин ҳизбро дар ҳамин кирдорҳои ҷинояткорона исбот мекунанд, фаъолияти ҲНИТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст.

Раиси Суди Олии Тоҷикистон, ки дар нишаст аз натиҷаи кори яксолаи ин ниҳод иттилоъ медод, афзуд, ки Суди Олӣ дар соли 2015 ба ҳайси суди марҳилаи якум 51 парвандаи ҷиноятӣ, 18 гражданӣ, 6 оилавӣ, 45 ариза оид ба барқарор намудани мухлати мурофиавӣ ва 7 пешниҳодро баррасӣ намудааст. Инчунин зикр гардид, ки дар ин давра ба Суди Олӣ 2 ҳазору 655 арзу шикояти шаҳрвандон ва эътирозҳо ворид гардидаанд, ки дар қиёс ба соли 2014 13 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии 2 ҳазору 412 шикояти баррасишуда 1130 адади он ба омӯзиши парвандаҳо марбут буда, 243 шикоят мавриди баррасӣ қарор дорад.

Шермуҳаммад Шоҳиён афзоиш ёфтани арзу шикояти шаҳрвандонро ба баланд гардидани маърифати ҳуқуқии онҳо рабт дода, зикр кард, ки масъалагузорӣ намудани мушкилоти худ дар Суди Олии кишвар ҳуқуқи конститутсионии ҳар як шаҳрванд аст.

**И.ТОҲИР**

# БАСТАНИ НИКОҲИ ХЕШУТАБОРӢ МАНЪ ШУД



Нусратулло Салимзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи 13-уми январи соли равон, дар нишасти матбуотии вазорат хабар дод, ки муоинаи тиббӣ пеш аз бастани акди никоҳ ҳатмӣ ва никоҳ байни хешу табор манъ карда шуд.

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 13-уми январ, дар ҷаласаи навбатии иҷлосияи дуюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум, тарҳи тағйиру иловаҳоро ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ" муаррифӣ кард, ки он аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Н. Салимзода мегӯяд, қонуни мазкур аз якуми июли соли равон мавриди амал қарор мегирад. Муоинаи ҳатмӣ нисбати як қатор беморихо аз ҷумла, бемории ВНМО (СПИД), сил, оташак ва дигар бемориҳо гузаронида мешавад. Агар тарафҳо қабл аз никоҳ аз ташхиси тиббии пешакӣ нагузаранд, дар асоси қонуни амалкунанда ба онҳо бастани акди никоҳ иҷозат дода намешавад.

Тибқи омори расмии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, феълан дар ҷумҳурӣ 25 ҳазору 328 нафар кӯдаки маъюби то 18-сола ба қайд гирифта шудааст ва 30-35 дарсади онҳо кӯдаконе ҳастанд, ки волидонашон хешу табор ҳастанд.

**И. РАҲМАТУЛЛО**

# МО БА ҶОИ ҲАСИБ ПӮСТИ МУРҒ МЕХӮРДАЕМ



- То имрӯз молу маҳсулоти ба бозори истеъмолии кишвар воридшаванда на ҳамавақт мутобиқ ба талаботи мизоҷон асту ҳини хариди маҳсулот миёни харидору фурӯшанда ифодаҳои "оригинал" ё "самопал" тез -тез ба гӯш мерасад, - мегӯяд Директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбониён Ибодулло Карим.

Мусаллам аст, ки стандарт мақомоти назоратист ва тибқи муқаррароти мавҷуда мо дар як сол ҳуқуқи 2 маротиба санҷидани ин ё он маҳсулоти бозори амалкунандаро дорему халос. Ин ҳам бошад моле, ки дар анбор маҳфуз аст, кормандони мо ҳуқуқи санҷидани онро надоранд.Новобаста аз чунин маҳдудияти фаъолият аз аввали соли ҷорӣ то ба имрӯз аз ҷониби кормандони мақомоти Агентӣ қариб 80 тонна маҳсулоти гӯштӣ, 42, 7 тонна равғани растанӣ, 2602, 5 тонна маҳсулоти ғалладонагӣ, 36, 5 тонна макарон, 3496 дал нӯшокиҳои спиртию ғайриспиртӣ, 117 тонна маҳсулоти қаннодӣ, 22 тонна маҳсулоти ширӣ 81 тона мевагиҳо ғайристандартӣ дониста шуда, қисме аз онҳо нобуд ва қисми дигар барои коркард аз бозори истеъмолӣ берун оварда шудааст. Ин баёнгари он аст, ки то ба имрӯз маърифати ҳуқуқии мизоҷон ва масъулияти фурӯшандаҳо пойбарҷо нест.

Директори агентӣ дар масъалаи манъ шудани воридоти пӯсти мурғ ба қаламрави мамлакат иттилоъ дода афзуд, ки маҳсулоти номбурда барои омода намудани ҳасиб дар корхонаҳои истеҳсоли истифода карда мешуд. Новобаста аз манъи воридоти маҳсулоти номбурда бархе аз соҳибкорон аз ин амали худ даст кашида натавонистанд. Ин аст, ки имрӯз 80 тонна пӯсти мурғе, ки ғайриқонунӣ ворид шудааст, аз муомилот бароварда шуд.

Дар нишаст ба эродҳои хабарнигорон оид ба ворид шудани бархе аз маҳсулоти ғайритстандартӣ, аз шумули саҷиқу қандҳои гуногунтамға, маҳсулоти нонию печеньҳо дар посухи мутахассисон тасдиқи худро ёфта, кормандон ба саволҳои сершумор ҷавобҳои қаноатбахш дода тавонистанд.

Агетии Тоҷикстандарт бахри рушди соҳибкорӣ, роҳ надодан ба воридшавии маҳсулоти бесифат ва фароҳам овардани имконият ба истеҳсоли маҳсулоти худӣ шароитҳои зарурӣ муҳайё хоҳад кард.

Имрӯз хабарнигорон аз рафти фаъолияти озмоишгоҳи наве, ки сифати маҳсулоти ғизоиро мавриди санҷиш ҳамаҷониба қарор дода метавонад, ошно гардида, дар анбори агентӣ маҳсулоти мухталиферо, ки аз муомилот боздошта шудааст, аз назар гузарониданд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо зиёда аз 68 мактаби олӣ ва марказҳои таълимии кишварҳои Аврупо, Осиё, ИМА ва ИДМ шартнома ва созишномаҳои ҳамкориро ба имзо расонидааст.**

# ДТТ БО ЗИЁДА АЗ 68 МАКТАБИ ОЛИИ ҶАҲОН ҲАМКОРӢ ДОРАД

Дар ин бора Шоҳиён Нуралӣ Набот, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) рӯзи 14 январи соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, афзуд, ки айни ҳол 1208 нафар донишҷӯёни Тоҷикистон, ки дар базаи ДТТ ва филиали он дар шаҳри Кӯлоб имтиҳонҳои дохилшавиро супоридаанд, дар асоси буҷети Федератсияи Русия дар донишгоҳҳи шаҳрҳои Иваново, Кострома, Воронеж, Новгород, Ярославл, Рибинск, Уссурийск, Москва, Санкт-Петербург ва дар марказҳои таълимии дигар шаҳрҳои ин кишвар таҳсил доранд. Вай ҳамчунин илова намуд, ки дар ДТТ факултети муштараки тоҷикӣ-украинӣ бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кушода шудааст, ки аз соли 2008 ин ҷониб, фаъолият карда истодааст. Донишҷӯёне, ки ба ин факултет дохил мешаванд, дар асоси шартнома бояд ду сол дар Тоҷикистон ва ду сол дар Украина таҳсил кунанд. Аз сабабе, ки имрӯз вазъи сиёсӣ дар Украина то андозае ноором шудааст ва ин кишвар бо каме нокомиҳо рӯ ба рӯ шудааст, мо соли гузашта донишҷӯёни худро иҷборан ба он ҷо нафиристодем ва умед дорем, ки дар оянда вазъият дар ин кишвар ба тамом ором мегардад ва донишҷӯёни мо бе ягон дудилагӣ рафта таҳсил мекунанд. Зеро ҳар донишҷӯе, ки имрӯз дар Украина таҳсил мекунад, дар оянда коэффитсиенти эътимодноки муносибатҳои байни Тоҷикистону Украина хоҳад шуд.

Ҳамчунин зикр гардид, ки шумораи донишҷӯёни хориҷие, ки дар ДТТ таҳсил доранд 14 нафарро ташкил медиҳанд, ки 8 нафари онҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошанд. Аз ҷумҳуриҳои Қирғизистону Туркманистон 2 нафарӣ ва ду нафари боқимонда аз кишварҳои Украина ва Хитой мебошанд.



Тавре ректори ДТТ маълумот дод, теъдоди донишҷӯёни таълимгоҳ беш аз 5000 нафарро ташкил медиҳад, ки онҳо дар шароити татбиқи низоми кредитӣ аз рӯйи 39 ихтисос дар 8 факултет таълим гирифта истодаанд, ки ба онҳо беш аз 350 нафар омӯзгорон, аз ҷумла, 2 академик, 15 доктору профессор ва 76 номзади илму дотсентон дарс мегӯянд.

Ин аст, ки соли равон, дар олимпиадаи фаннии байни донишҷӯёни ҷумҳурӣ толибилмони ДТТ дониши мукаммал нишон дода, 2 ҷойи аввал, 1 ҷойи дуюм, 2 ҷойи сеюм ва 2 ҷойи намунавиро соҳиб гаштаанд. Инчунин дар соли таҳсили 2014-2015 зиёда аз 90 нафар устодону донишҷӯёни ДТТ дар доираи амалишавии лоиҳаҳои грантии байналмилалӣ, дар таҷрибаомӯзӣ, курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос иштирок намуда, соҳиби диплому сертификатҳо гардидаанд. Айни ҳол дар донишгоҳ 5 лоиҳаи Барномаи "ЭРАСМУС+" ва 1 лоиҳаи "Ташкилоти ҳамкориҳои Олмон" (GIZ) амалӣ гардида истодааст, ки пурра ба модернизатсияи таҳсилоти олии касбӣ равона мегарданд,-афзуд Шоҳиён Нуралӣ Набот.

Ӯ дар охир иброз дошт, ки фаъолияти имрӯзаи донишгоҳ ба он равона гардидааст, ки 25 ҳадафи стратегӣ дар раванди омодагӣ ба таҷлили "25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Сахми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон" дар самти рушди илму маориф, тақвият бахшидан ба мақому манзалати кишвар дар арсаи байналмилалӣ пурра амалӣ карда шавад.

**И.ТОҲИР**

## Сафаралӣ Наҷмуддинов:

# СИННИ НАФАҚА БАЛАНД НАМЕШАВАД

**Сафаралӣ Наҷмуддинов, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволи хабарнигори "МХ" оид ба овозаҳо дар бораи боло бурдани синну соли нафақа посух дод, ки новобаста аз он ки сол то сол шумораи нафақахӯрон зиёд мешавад (соли гузашта дар қаламрави мамлакат 625 461 нафар нафақахӯрон, ба қайд гирифта шуда буд), оид ба ин масъала дар ягон сатҳ пешниҳод карда нашуда, овозаҳо асос надоранд. Имрӯз синни нафақа барои мардон 63 ва барои занҳо 58 сол муайян карда шудааст.**

Дар масъалаи ҳаҷми нафақа бошад, С.Наҷмуддинов иттилоъ дод, ки андозаи миёнаи нафақаи меҳнатӣ 248, 05 сомонӣ, нафақаи суғуртавӣ 284,58 сомонӣ, нафақаи иҷтимоӣ 126, 85 сомониро ташкил медиҳад. Ҳадди ниҳоии нафақапулӣ дар мамлакат 624 сомонӣ ва камтарин нафақа 130 сомониро ташкил медиҳад.

Соли сипаришуда дар асоси фармоиши муштараки Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Бонки давлатии амонатгузории "Амонатбонк" 65 273 нафар нафақагирони маъюб аз муоинаи такрории тиббӣ гузаронида шуданд. Дар ташхис маъюбии 13 ҳазору 871 нафар тасдиқи худро наёфтааст. Аз ин теъдод 3 ҳазору 123 нафар ба синни нафақа расида, нафақаи маъюбиашон лағв шуд. Пас аз муоинаи такрорӣ пардохти нафақаи 10 ҳазору 748 нафар, ки гурӯҳи маъюбиашон тасдиқ нагардидааст, қатъ гардид. Феълан дар мамлакат 7 ҳазору 839 нафар нафақаи маъюбӣ мегиранд, ки нисбат ба онҳо низ муоинаи такрорӣ гузаронда мешавад. Аз ин сабаб бо пешниҳоди Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ пардохти нафақаи ин нафарон муваққатан боздошта шудааст.

Агентӣ дар назди он хизматчиёни давлатие, ки нафақа мегиранд, шарт гузоштааст, ки ё фаъолияти меҳнатиашонро идома диҳанд ва ё аз нафақа даст кашанд. Аз ин нафарон 113 тан аз вазифаашон истеъфо дода, 121 нафар аз гирифтани нафақа даст кашидаанд.

Директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуд, ки баъд аз эродҳои Президенти мамлакат дар бораи нафақаҳои маъюбии калонҳаҷм Комиссияи махсус ташкил шуд. Комиссия фаъолияти онҳоеро, ки нафақаи калони маъюбӣ мегиранд, мавриди санҷиш қарор додааст. Албатта бахри ислоҳи норасоиҳои ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Дар фарҷом директори агентӣ аз таваҷҷуҳи хабарнигорон ба фаъолияти соҳа изҳори хушнудӣ карда, хамкории судмандро ба намояндагони ВАО заминаи мусоиди рафъи саривақтии норасоиҳои ҷойдошта унвон кард.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

# СЕ МУАССИСАИ НАВИ ЖУРНАЛИСТӢ

**Рӯзи 15 январи соли равон дар Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти хабарӣ доир гардид, ки дар он намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Адхам Маъмурзода, аксари кормандони Кумита ва як теъдоди ками журналистон ширкат варзиданд.**




**С**АРОҒОЗ хабарнигори ҳафтавори "Озодагон" ба Маҳмадсаид Пирзода раиси Кумитаи мазкур чанд суоли худро пешниҳод намуд. Журналист сабабҳои сустии аксар барномаҳои телевизиони шабакаи якум, тасдиқ ё рад кардани иттилоъ дар бораи он ки тавассути маблағ одамон худро аз минбари телевизион реклама мекунанд ва дар ин шашмоҳаи сипарӣ чанд барномаи таҳлилӣ пешниҳод кардани телевизионро аз раис пурсон шуд. Суоли мазкур боиси баҳс байни Раиси Кумита ва рӯзноманигор гардид.

Баъдан хабарнигорони рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ҳафтаворҳои "Минбари халқ", "Фараж" ва "Тоҷикистон" дар посухи бархе аз суолҳои хеш бо ҳамин гуна бархӯрд дучор шуданд.

Табиист, ки рӯзноманигорон гоҳо дар суолҳои худ хӯрдагирӣ мекунанд, ки зимнан ба характери фаъолияти онҳо дахл дорад. Салоҳи кор мебуд, агар роҳбарон ба масъулини вазорату идораҳо бо назардошти ин омил дар посухи суолҳо бо сабру таҳаммул муносибат мекарданд ва дар нишастҳои матбуотӣ аз ҳарду ҷониб низ ободу этика риоя мешуд.

Хушхабари ин нишаст, ки аз маълумотномаи ин Кумита барои хабарнигорон, дарёфт мегардад, ин аст, ки се ташкилоти наве, ки Ҳукумати Тоҷикистон таъсис додаву ҳамакнун ба сохтори Кумита шомил гаштаанд, ба васеъ гаштани фарогирии фазои иттилоотӣ мусоидат карда, ҷамъулҷамъ 215 ҷойи нави кориро барои эҷодкорону соҳибқаламон муҳайё месозад.

Таъсиси мусссисаҳои нави давлатии телевизионҳои "Варзиш", "Синамо" ва "Академияи Воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон"- пайки тозаест аз рушди ВАО дар Тоҷикистон ва ҷойи кори хуб барои ҷавонони соҳибқаламу соҳибандешаи муосир, ки ин гувоҳи таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон ва сиёсати давлат ба рушди воситаҳои иттилоотонист.

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

# Анҷумани навбатии Иттифоқи журналистон

***Рӯзи 16 январи соли 2016, Анҷумани X1V Иттифоқи журналистон Тоҷикистон доир гардид, ки дар кори он зиёда аз 200 нафар вакилон аз тамоми шаҳру навоҳии кишвар ширкат варзиданд.***



Дар оғози ин ҳамоиш рӯйхати қариб 70 нафар қаламкашоне, ки тӯли панҷ соли охир фавтидаанд, қироат гардида, ба ёди онҳо ҳамкасбон дақиқае хомӯшӣ ихтиёр карданд. Баъдан бо риояи талаботи баргузории анҷуманҳо ва бо интихоби садорат, котибот ва ҳайати таҳририяи ҷаласа, Анҷуман ба кори хеш оғоз бахшид. Дар Анҷуман 5 масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Саравввал ҳисоботи иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттифоқи журналистон Ёқуб Боронзода перомуни давраи панҷ соли фаъолияти ин ниҳод, шунида шуд. Сипас, ҳисоботи комиссияи тафтишотии Иттифокро Маҳмадшариф Бобошоҳзода ба самъи ҳозирин расонид.

Баъд як гурӯҳ вакилон ба музокира баромада, ба ҳисобот баҳои қаноатбахш дода, аз ҷумла таваҷҷуҳи ҳозиринро ба як қатор масоили муҳими журналистика ва муваффақияту камбудиҳои кори Иттифоқи журналистон дар давари ҳисоботӣ, ҷалб намуданд.

Дар охир тариқи овоздиҳии кушод Зиннатуллоҳи Исмоил раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва Ҳуриннисо Ализода раиси комиссияи тафтишотӣ интихоб гардиданд.

Дар кори Анҷуман Абдуҷаббор Раҳмонзода ёрдамчии Президенти Тоҷикистон ширкат ва суханронӣ кард.

**Ҳ. ЮСУФӢ**

## Навиди Бадахшон

# МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ НАВ ДАР БАРТАНГ

Дар деҳаи Разуҷи ҷамоати деҳоти Бартанги ноҳияи Рӯшон бо харҷи 1 миллиону 630 ҳазор сомонӣ мактаби нави замонавӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Маблағ аз буҷаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ҷудо гардида, биноро Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Шарқ" бо сифати баланд бунёд намуд. Охири соли 2014 сохтмони мактаб оғоз гардида буд ва дар муҳлати як сол ба истифода дода шуд.Корҳои сохтмонӣ пурра ба охир расонда шуда, муассисаи таълимӣ бо назардошти ҳамаи талаботҳои замонавӣ барои 96 нафар хонанда бунёд гардид. Раиси вилоят Шодихон Ҷамшед зимни ифтитоҳи ин муассиса иттилоъ дод, ки тӯли ду сол дар водии Бартанг бунёд ва азнавсозии 13 муассисаи таълимӣ сомон дода мешаванд.

# КӮМАКИ АРАБИСТОНИ САУДӢ БА БАДАХШОН

Дар деҳаи Ғудараи водии Бартанги ноҳияи Рӯшон намояндагони Маркази хайриявӣ ва башардӯстонаи Шоҳ Салмони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо мардуми зарардида мулоқот намуда, қайд карданд, ки ба ҳамаи осебдидагон барои се моҳ маводи озуқа, аз қабили равған шакар, биринҷ орд, макарону намак кумак мерасонанд. Дар баробари ин ба ҳар як хонавода 900 килограмм ангиштсанг, як адад гармкунаки аловӣ ва кӯрпаҳо низ дастрас менамоянд.

# ТЕХНИКАҲОИ РОҲСОЗӢ БАРОИ ВОДИИ БАРТАНГ



Тавре Х.Абдураҳимов, муовини сардори муассисаи давлатии "Бадахшонроҳ" иттилоъ дод, бо супориши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои водии Бартанги ноҳияи Рӯшон аз кишвари Русия чор адад техникаи нави роҳсозӣ харидорӣ карда шуд. Ҳамаи онҳо ба ҷамоатҳои деҳоти Басид ва Савноб интиқол дода шуданд.

# «ҲАР КӢ ҶАНГ ОРАД, БА ХУНИ ХЕШ БОЗӢ МЕКУНАД»

**ХУБОН** хубиҳоро гирифта ва дигаронро ба роҳи росту бегазанд насиҳат ҳам кардаанд. Аммо бадони тарсу ҳақиқатро напазирифта, бозичаи нафси пур аз бухлу ҳасад ва кинаву адоват мегарданд.

Чаро бадони тарсу мегӯям. Оре, аксари бадон тарсуанд ва ҷиноятро аз тарс мекунанд. Зеро хуб медонанд, ки дар ҷомеаи орому ҳуқуқбунёд барои онҳо ҳеҷ гоҳ ҷой ва мавқее набудааст. Ин аст, ки тинати нопокашон, агарчӣ бар ивази ҷонашон ҳам бошад, онҳоро ба душманӣ бо мардум водор мекунад.

Мутаассифона, кишвари мо низ аз оғози истиқлолият, агарчӣ муддате ҳам бошад, майдони ҷавлони ин гуна шахсон гардид. Он замон маҳз зиракии роҳбарияти кишвар сабаб шуд, ки мамлакат аз вуҷуди онҳо пок гардад. Аммо онҳо бо кӯмаки хоҷагони хориҷиашон ба хориҷи кишвар паноҳ бурда, солҳо шоми миллати моро талх карданд.

Дар ниҳоят, алорағми хостаҳои нопоки ин гуна афрод Созишномаи оштии миллӣ ба имзо расид. Соли 1997 марди далер, ҳимматбаланду ватандӯст Эмомалӣ Раҳмон ҳама тарсуҳоро бахшид. Дар қатори ин бахшидашудагон фиребхӯрдагон ва муғризон ҳам буданд. Фиребхӯрдагон ба зиндагии осудаи худ идома доданд. Аммо хоинони гургсифат либоси меш пӯшида, дар камин нишастанд. Шароити мусоидеро интизор буданд, то боз теша ба решаи давлату миллат зананд.

Ин буд, ки соли 1998 намакхӯрдаҳои давлат, яке генерал Ёқуб Салимов ва дигаре полковник Маҳмуд Худойбердиев дар паси барандохтани давлати қонунӣ шуданд. Ба ҳамин монанд соли 2001 ҷиноятҳои мудҳиши содиркардаи гурӯҳҳои Раҳмон Гитлер ва Мансур Муакалов, соли 2009 гурӯхи ғайриқонунӣ бо роҳбарии Мулло Абдулло, соли 2012 исёнҳои зиддавлатӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ҷинояткорона дар Бадахшон, соли 2015 исёни мусаллаҳонаи генерал Абдуҳалим Назарзода ва тарафдоронаш, ки бешубҳа аз хориҷа дастгирӣ мееёфтанд. Мақсади онҳо ҷуз барҳамзадани давлати қонунӣ ва аз ҳам пошидани ин сарзамин чизи дигаре набуд.

Яъне, истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон қудратмандони манфиатхоҳ ва афроди муздури миллатситезу бегонапарастро ба ҳеҷ ваҷҳ ором нахоҳад гузошт.




Таърих гувоҳ аст, ки маҳз сарватҳои бебаҳои табиӣ, ақливу зеҳнӣ, мавқеи ҷуғрофии мусоид иқлими зебову обҳои мусаффои кишварамон боис шуда, ки он мавриди назари муғризона ва истилои таҷовузгарон гардад.

Дар таслим намудан ва ба ихтиёри аҷнабиён супоридани давлати тоҷикон дар ҳар давру замон нақши афроди тарсу, муздур ва хиёнаткор, ки дар дил имону рафоқат ва муҳаббату садоқат ба ин сарзамин надоштанд, басо назаррас аст. Хамирмояи заволи давлат ва миллати мо дар тӯли ин қарнҳо онҳое буданд, ки зотан асолати миллӣ надоштанд. Ҳамчу мор дар остини мардуми соддаву зудбовар ва меҳмоннавози мо роҳ ёфтаву парварида шуда буданд.

Имрӯз низ ҳаёти сиёсии кишвар пур аз воқеаҳои аҷиб аст. Бархе аз зиёиён, коршиносон ва сиёсатмадорони мо нишон медиҳанд, ки онҳо аз мо ва бо моянд. Аммо вақте дар бораи миллат ва сарнавишти он тасмим гирифтанӣ мешаванд, пуштибонӣ аз афроди тарсу ва ҷинояткор мекунанд, ки душманиву адоваташон нисбати миллату давлат ошкоро аст. Аз таассубу кудурат ва заифиву нотавонбиниашон аз давлатҳои абарқудрат мехоҳанд, ки бо ҳар роҳу восита ба Тоҷикистон фишор биёваранд ва барои ба мақсадҳои палидашон расидан тайёр ҳастанд аз ягон фитнаву шар рӯй нагардонанд.

Барои мисол, яке аз чунин шахсони мавриди пуштибонии онҳо қарор гирифта, Муҳиддин Кабирӣ - раиси ҳизби ифротӣ-террористӣ эътирофгаштаи ҲНИТ аст. Муддаъиёнаш эшонро марди масъулиятшиносу сиёсатмадор ва хайрхоҳу ғамхори мардуми Тоҷикистон дониста, бо ҳар роҳу восила мехоҳанд ӯро дар назари мардум сафед намоянд.

Аммо қасдан нодида ва ношунида мегиранд, ки ӯ солҳост тавқи муздурӣ бар гарданаш ниҳода, бо онҳое, ки дар тӯли таърих аз хоку буми ин сарзамин ва қуввати зеҳниву ҷонии фарзандони он суистифода кардаанд ва карда истодаанд, маслиҳатҳои хиёнаткоронаеро анҷом медиҳад. Дар баробари ин ӯ заррае андеша надорад, ки чӣ коре анҷом медиҳад, хадамоташ бо чӣ меанҷомад, хизмату қиммати он чӣ қадар аст, баҳо ва зарари онро кӣ ҷуброн хоҳад кард.

Мавқеъгириҳои Муҳиддин Кабирӣ пиромуни ҳаводиси муҳими Тоҷикистон, гузоришҳои мухталифи ӯ аз ҷараёни ин ҳодисаҳо аз он шаҳодат медоданд, ки эшон на аз рӯи дилсӯзӣ ва садоқату вафодорӣ сухан мегуфт, балки аз рӯи ғаразҳои шахсиву ҳизбияш изҳори ақида мекард. Аз нигоштаҳои ӯ кас пай мебурд, ки шахсияташ орӣ аз асолату ҳувияти миллӣ буда, бегонашиносиву бегонапарастиаш побарҷост.

Натиҷаи бардоштҳои чандинсола ва далели суханони ман ин аст. Муҳиддин Кабирӣ, ки аз рӯи ҷиноятҳои зиддидавлатӣ дар кофтукови байналхалқист, рӯзи 27 декабри соли 2015 бахшида ба солгарди "Ҳафтаи ваҳдат" дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон ба сифати меҳмони олиқадр пазируфта шуда, ширкаткунандаи конфронси баргузоршуда ба ин муносибат гардид.

Ин ҷо саволе пеш меояд, ки ин даъвату пазироӣ ва ширкати намоишкорона ба хотири чӣ буд? Барои боз ҳам амиқтар омӯзонидани таҷрибаи инқилоби исломӣ, табаддулоти давлатӣ, роҳу равиши мубоизаи ғайридемократӣ буд ё ҳадафи дигареро дар пай дошт?...

Аз ин иқдомҳо ва намоишномаи тарафайн чӣ метавон бардошт намуд, ба ҷуз ин ки: Эрон бо кишвари мо сиёсати як бому ду ҳаворо ба роҳ мондааст. Касеро, ки парварида ва муздури ӯст, дар ҳама ҳолат пуштибонӣ мекунад, агарчӣ террорист ҳам бошад. Эрон оё қозии қазияҳои давлату миллати мост ва тоҷикистониён худ наметавонанд барои халқ, кишвар ва давлати худ тасмим гиранд?

Агар гӯед, ки чунин натиҷабардорӣ нашояд, пас чаро Эрон вобаста ба ҳодисаҳои нангини аз ҷониби ҲНИТ дар моҳи сентябри соли 2015 содиркарда расман мавқеи худро муайян ва изҳор накард. Ва ё чаро мутасаддиёни ин давлат ба даҳони ин муздури худ мушти маҳкаме зада нагуфтанд, ки "Шумо барои ин миллат хайре оварда наметавонед".

Дар ин маврид суханро ба дарозо намекашам. Танҳо таваҷҷуҳи хонандаро ба ин қазияҳо, ки ҳақиқати талханд, ҷалб менамоям. Ба онҳо вогузор мекунам, ки дар шинохти чунин шахсиятҳо худ қазоват кунанд, зеро гуфтор, кирдор ва пиндори ҳар кас бозкунандаи сурат ва сирати ӯст.

Аммо вакти он аст, ки далерона чеҳраи воқеии чунин шахсиятҳоро ба мардум бозгӯ кунем ва ба халқи шарифу азизамон фаҳмонем, ки фирефтаи иддаои муғризонаи душманони дохилӣ ва берунӣ нашаванд. Мо бояд донем, ки дар пеши ин гуна афроди тарсу чӣ арзише дорем. Оё чунин шахсон метавонанд хайрхоҳу хайрандеши мардум бошанд? Оё дар шахсе, ки аз ғайрату ҳиммат орист, хайре ҳаст? Оё касе, ки пирӯзӣ ва комёбии худро бо дасти бегонагон мебинад, метавонад бар сари ин мардум ҳукумат дошта бошад? Оё касе, ки умедворӣ аз кӯмаки бегонагон дорад, метавонад тақдиру сарнавишту ин миллату кишварро муайян созад?

Аз ин лиҳоз, ҳангоми ба коре тасмим гирифтан мо қабл аз ҳама бурду бохти онро бояд дар мизони манфиатҳои миллӣ, давлатӣ ва мазҳабӣ баркашем. Агар ба манфиати мо бошад хуб, вагарна мабодо ба хотири шиорҳои фиребанда ва дурӯғ бар болои миллат ва давлати худ дар оянда мусибат наорем.

Бо ҳар нафар, бо ҳар кишвар ва давлате, ки ба ин манфиатҳо латма мезанад, бояд бархурди муносибе анҷом дод.

Дигар он ки танҳо мардум ва халқи шарифи Тоҷикистонанд, ки тасмими ҳақиқӣ ва ниҳоиро мегиранд. Ва тасмими мардум буда, ки фарзандони далеру сазовораш масъулияти ин сарзамин ва мардуми онро бар дӯши худ гирифтаанд ва хоҳанд гирифт.

**Фозил ОҚИЛОВ**

**Нишасти матбуотӣ**

# МАКТАБИ МАХСУСИ ЗЕҲНИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲО

Дар нишасти матбуотии Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъсис ёфтани мактаби махсуси зеҳнӣ хабар дода шуд. Зикр гардид, ки ин тасмими муфид барои боз ҳам мустаҳкам гардидани донишҳои табиии хонандагон бевосита бо фармони Президенти кишвар ба роҳ монда шудааст.

Фарҳод Раҳимӣ, президенти АИ ҶТ бо эълони ин хушхабар эълон карда, афзуд, ки дар мактаби мазкур зиёда аз 500 нафар хонандагон бо таҳсил фаро гирифта хоҳанд шуд. Мактаби зеҳнӣ хонандагони боистеъдод ва лаёқатмандро аз тамоми манотиқи кишвар, ки завқи омӯхтани фанҳои физика ва математикаро доранд, қабул менамояд. Ин хонандагон бо тамоми шароити таҳсил- идрорпулӣ, ҷойи зист, ашёи хониш ва ғайра таъмин хоҳанд шуд.

Дар нишаст инчунин аз ифтитоҳи шурои илмии бахши филология дар АИ ҶТ, ки олими забоншинос Парвона Ҷамшед онро роҳбарӣ мекунад, иттилоъ дода шуд. Кушода шудани Шӯрои мазкур б имкон медиҳад то аспирантоне, ки муддатҳо дар Шӯрои Донишгоҳи миллӣ ба хотири ҳимоя дар навбат истодаанд, бе мушкилӣ ва ба зудӣ рисолаашонро дифоъ кунанд.

**Гулҳаёи МАДИМАР**



Вокуниш

# ТОЗАГИИ ШАҲР АЗ СОКИНОН ҲАМ ВОБАСТА АСТ

**Ба мақолаи "Нигоҳи як шаҳрванд", ки дар ҳафтаномаи "Минбари халқ" аз 13 январи соли 2016, №2 (1034) чоп шудааст, муовини Раиси шаҳри Кӯлоб С. Исмоилзода чунин посух гуфт:**

- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб мақолаи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дод. Дар мақолаи мазкур фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаи фаръии давлатии "Хоҷагии коммуналӣ"-и шаҳр яктарафа баҳогузорӣ гардида, тозагии шаҳр ба инобат гирифта нашудааст, ки боиси таассуф мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳар шахсе, ки ба шаҳр ворид мешавад, қабл аз ҳама оид ба фарҳангу маданияти сокинон аз рӯи тозагию ободии шаҳр баҳо медиҳад. Бинобар ин, масъалаи тозагию ободонӣ, сари вақт кашонидани партовҳо, риояи маданияти зиндагӣ дар хонаҳои баландошёна муҳим буда, вобаста ба ин фаъолияти корхонаҳои коммуналӣ мунтазам дар ҷаласаҳои назоратии раиси шаҳр мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба масъулин барои ислоҳи камбудиҳо супоришҳо дода мешаванд.

Кашонидани партовҳо, тоза намудани кӯчаю хиёбонҳои шаҳр тибқи низомнома ба корхонаи фаръии давлатии "Хоҷагии коммуналӣ"-и шаҳр вогузор гардидааст.

Аз рӯи маълумотҳо корхонаи мазкур дар соли 2015-ум 7591 шартномаи ҳамкорӣ бастааст, ки аз ин 7300 шартнома бо аҳолӣ, 221 шартнома бо корхонаҳои хусусию тиҷоратӣ ва 70 шартнома бо ташкилотҳои буҷавӣ мебошад.

Дар соли 2015 аз кӯчаю хиёбонҳои шаҳр 20,4 ҳазор метри мукааб партов кашонида шуд, ки аз фаъолияти ҳаррӯзаи корхона шаҳодат медиҳад. Ҳамасола ҳаҷми партовҳо зиёд шуда истодааст, ки ин яке аз нишонаҳои баланд шудани сатҳи зиндагӣ дар шаҳр мебошад.

Вобаста ба сагҳои дайду бояд зикр намуд, ки стансияи мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвонот ба сагҳои шаҳрвандон шиносномa дода истода, сагҳои дайду бошад, аз тарафи гурӯҳи махсуси КФД "Хоҷагии манзилӣ" дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор безарар гардонида мешаванд. Дар соли 2015-ум 203 адад сагҳои дайду безарар гардонида шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Мавриди зикр аст, ки як рӯз накашонидани партовҳоро аҳолӣ ҳис намуда, норозигии худро иброз медоранд. Маблағи хизматрасонии коммуналиро бошад, муассисаю ташкилотҳо ва аҳолӣ пурра пардохт намекунанд. Дар натиҷа қарзи дебитории корхона 797 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки ин фаъолияти корхонаро мушкил намудааст.

Дар кори КФД "Хоҷагии коммуналӣ"-и шаҳр камбудиҳо ҷой доранд, аз ҷумла аз 14 воситаи нақлиёт 4 ададаш корношоям буда, ҳамчунин, аз рӯи маълумоти масъулини соҳа, 10 адади дигар куҳнаю фарсуда буда, зуд-зуд таъмиртaлаб мебошанд, ки ин ҳолат ба кори мунтазами корхона таъсири манфӣ мерасонад.

Дар соли 2015 аз ҷониби маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳр дар соҳаи коммуналӣ санҷиш гузаронида шуда, нисбати 143 нафар ба маблағи 12,8 ҳазор сомонӣ ҷарима амалӣ карда шуда, новобаста аз ин дар соҳа ҳоло низ камбудиҳо пурра бартараф нагардидаанд.

Вазъияти мушкили молиявии корхонаро ба инобат гирифта, нисбат ба маблағи пешниҳодшуда ду маротиба зиёд аз ҳисоби маблағҳои барзиёдатии буҷети маҳаллӣ маблағҳо барои сариваҳт кашонидани партовҳо ва таъмини тозагии кӯчаю хиёбонҳо ҷудо гардид.

Вобаста ба куҳнаю фарсуда будани нақлиёти корхона баъзе рӯзҳо партовҳо сари вақт кашонида намешаванд, аммо дар маҷмӯъ тозагии шаҳр таъмин мебошад.

Барои самаранок фаъолият намудани КФД "Хоҷагии коммуналӣ"-и шаҳри Кӯлоб мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд шартномаҳои ҳамкориро ба имзо расонида, айни замон мутахассисон ва коршиносони бонки мазкур таҳлилу асоснокку-нии лоиҳаи "Идоракунии партовҳои сахти маишӣ"-ро ба анҷом расонида, тибқи он аз соли 2016-ум 4 миллион доллари америкоӣ барои хариди техника ва таҷҳизот ҷудо мегардад, ки ин фаъолияти КФД "Хоҷагии коммуналӣ"-и шаҳрро беҳтар хоҳад намуд.

Бояд қайд намуд, ки натанҳо дар арафаи ҷашнҳо аз ҷониби корхона партовҳо кашонида мешаванд, балки кормандони корхонаи фаръии давлатии "Хоҷагии коммуналӣ"-и шаҳр ҳар рӯз фаъолияташонро соати 03-и субҳ оғоз намуда, партовҳоро кашонида, кӯчаю хиёбонҳои шаҳрро рӯбучин карда, обновaҳоро тоза мекунанд.

Боиси зикр аст, ки вазъи тозагии кӯчаю хиёбонҳо аз ҳар як шаҳрванд низ вобаста буда, дар ин самт аз ҷониби намояндагони васоити ахбори омма роҳандозӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва баланд бардоштани маърифати шаҳрдорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Муаллиф дар мақола қайд намудааст, ки дар хиёбони маркази шаҳр солҳои пешин дарахтони чинор сабзида, соя ва салқинӣ медоданд. Аз руйи хулосаи табибон дарахти чинор боиси афзоиши бемориҳои гуногун гардида, шаҳрвандон аз он азият мекашиданд. Бо назардошти ин, дар соли 2005 дарахтони чинор бурида, ба ҷойи онҳо дарахтони ҳамешасабз шинонида шуд, ки имрӯз ҳусни шаҳрро оро дода, сояафкан низ гардидаанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб барои таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд. Корхонаи обу ташноб ба аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо дар соли 2015-ум 5,2 миллион мукааб оби нӯшокиро таъмин намуд. Дар зарфи 5 сол барои беҳтар намудани таъминоти обу нӯшокӣ 22 миллион сомонӣ азхуд карда шуда, сарфи беҳудаи об аз ҳисоби садамаҳо 20 фоиз кам гардид.

Ҳамзамон, барои кам намудани сарфи беҳудаи оби нӯшокӣ дар кӯчаю маҳаллаҳо ҷумакҳои об насб карда мешаванд. Мутаассифона, аз ҷониби баъзе аз шаҳрвандон ҷумакҳо шикаста мешаванд. Айни замон дар ташкилоту муассисаҳо ва сокинони хонаҳои баландошёна барои сарфи беҳудаи об ва пардохти саривақтии маблағҳо ҳисобкунакҳои обӣ насб гардида истодаанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки истифодаи оби нӯшокӣ бо ҳисобкунакҳо исрофи обро се маротиба кам намуда, пардохти маблағро ду маротиба зиёд менамоянд.

Барои беҳтар намудани таъмини аҳолии маркази шаҳр бо оби нӯшокӣ вобаста ба лоиҳаи инвеститсионӣ бо бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар марҳилаи 2-юм ба маблағи 4,5 миллион доллари амрикоӣ чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истода, аз соли 2016 амалишавӣ он оғоз хоҳад шуд.

Барои иҷрои корҳои равшаннамоии кӯчаю хиёбонҳо аз буҷети маҳаллӣ 440 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, дар ин давра дар хиёбони И.Сомонӣ 41 адад сутунҳои фулузӣ иваз карда шуда, 82 фонусҳои каммасраф насб гардид, ки равшаннамоии хиёбонро беҳтар намуд. Дар хиёбони мазкур чароғҳои гуногунранг дар сутунҳо ва байни онҳо насб гардид, ки шабона ҳусни шаҳрро оро дода, барои шаҳрвандон ва меҳмонон ҷолиби диққат мебошад.

Дар кӯчаи Ҳамадонӣ 20 адад сутунҳои нави оҳанин шинонида шуда, 40 дона фонусҳои барқии ҳозиразамон насб гардида, симҳои барқӣ иваз карда, кӯча пурра равшан карда шуд. Аз дарвозаи шаҳр то муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 равшаннамоии кӯча таъмин гардида, дар соли 2016 то назди бозори "Саховат" корҳои равшаннамоӣ иҷро хоҳад гардид.

Дар соли 2015 аз буҷети маҳаллӣ ба соҳаи нақлиёту коммуникатсия зиёда аз 778 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Дар баробари ин аз ҳисоби барзиёдатии маблағҳои буҷети маҳаллӣ 73 ҳазор сомонӣ иловатан равона гардид. Дар ин давра 77 км роҳҳои автомобилгарди байниноҳиявӣ ва 44,6 км роҳҳои автомобигарди дохилишаҳрӣ таъмири ҷорӣ, 2,5 км таъмири асосӣ карда шуд.

Ҳолати нигоҳдории роҳҳо доимо зери назорати масъулини соҳа қарор дошта, дар маҷлисҳои назоратӣ масъалаи мазкур мунтазам баррасӣ гардида, аз масъулини соҳа, аз ҷумла аз роҳбари муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои шаҳр пурсиш шуда, барои ислоҳи камбудиҳо ва таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард вазифадор карда мешаванд.

Ҳамзамон бо дастгирии бевоситаи Роҳбари давлат роҳҳои автомобилгарди дохилишаҳрӣ аз ҷониби ширкати хитоӣ дар марҳилаи аввал 5,3 км роҳҳоро таъмири асосӣ намуда, аз соли 2016 марҳилаи дуюм дар масофаи 7,2 км оғоз мегардад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бо кормандони васоити ахбори омма ҳамеша барои ҳамкорӣ эҳтиромона омодагии худро баён менамояд.

# МО НИЗ ҶОНИБДОРИ "ОПЕРА"-ҳои РОЙГОН НЕСТЕМ

**Сардори Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи (ҶСК) "Автоколонна 2927" Х.Хизиров ба мақолаи "Опера"-ҳои ройгон дар хатсайрҳои шаҳр", ки дар ҳафтаномаи "Минбари халқ" №1 (1033) аз 6.01.2016 ба чоп расидааст, чунин посух дод.**
**Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки мақолаи мазкур дар байни коллективи кормандон ва ронандагони воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.**


10

НАҚЛИЁТ

«ОПЕРА»-ҳои РОЙГОН ДАР ХАТСАЙРҲОИ ШАҲР

ГАРЧАНДЕ ки аз тарафи роҳбарияти ҷамъият нисбати ин масъала корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ бурда мешавад, мутаассифона ин қоидавайронкунӣ боз такрор мешавад. Сабаби асосӣ ин паст будани маърифати баъзе аз пулчинон мебошад. Зеро давоми соли гузашта, миқдори зиёди онҳо, ки ба чунин қоидавайронкуниҳо роҳ додаанд, аз тарафи кормандон роҳбарияти соҳа ошкор ва аз ҷамъият ронда шуданд. Қисми зиёди онҳо ба ҷамъиятҳои нақлиётӣ ягон алоқамандӣ надоранд ва кормандони ҳифзи ҳуқуқро мебояд нисбати онҳо чораҳои маъмурӣ андешанд.

Ронандагони бо ҷамъият шартномадошта, алалхусус ронандагони хатсайри микроавтобусии №33 қатъӣ огоҳонида шуданд, ки ба қоидавайронкуниҳои дар мақолаи мазкур дарҷгардида роҳ надиҳанд, чунки минбаъд аз болои онҳо ҷиддӣ назорат бурда мешавад ва дар ҳолати содир кардани чунин қоидавайронкунӣ муҷозот хоҳанд шуд.

# ҲАЗРАТИ МӮСО КӢ БУД?

## ВА Ё ОЛИМОН ФАРЗИЯҲОИ НАВИ РИВОЯТИ МАШҲУРИ ДИНИРО ПЕШНИҲОД МЕКУНАНД

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

**РӮЗНОМАНИГОР**-тадқиқотчӣ Чарли Сеннет кӯшиш намуд, ҳақиқатро ҷустуҷӯ кунад ва бифаҳмад, ки муҳоҷират (фирор)-и қавми яҳуд аз Миср чӣ гуна сурат гирифта буд ва оё ин ҳодиса дар воқеият вуҷуд дошт ё на. Барои ҷустуҷӯи ҳақиқат ӯ тамоми Мисрро давр зад. Хулосаи ӯ чунин аст - шаҳодати аниқи воқеият доштан ё надоштани ин ҳодисаи ривоётӣ вуҷуд надорад. Дар маъхазҳои қадимаи мисрӣ оид ба қавми яҳудӣ маълумот мавҷуд ҳаст, аммо нисбати ҳодисае, ки ин қавм бо сарварии Месу (Мӯсо) аз сар гузаронидааст, умуман ягон чиз гуфта намешавад. Гумон меравад, маълумотро ҳанӯз замонҳои қадим муғризона пинҳон кардаанд. Шӯриш ва фирори ғуломон яҳудӣ на аз он ҳаводисест, ки обрӯи фиръавнро боло мебардорад. Яъне, ба гумони ғолиб, муҳоҷирати ин қавм асосҳои таърихиро дорост. Вале дар асл ин воқеа чӣ гуна рух дода буд?

Чарли Сеннет муайян кард, ки нисбати ин ҳодиса баъзе иштибоҳот мавҷуд ҳастанд:

**Иштибоҳи 1- яҳудиён ҳангоми фирор Баҳри Сурхро убур кардаанд.**

Дар Инҷил Баҳри Сурх **"ям суф"** садо медиҳад, ки маънои **"баҳри най"**-ро дорад. Бо сабаби тарҷумаи нодуруст ба Баҳри Сурх табдил шудааст. "Баҳри най", гумон меравад, ботлоқзори Мисри Шарқиро мегуфтанд, ки ин мавзеи ботлоқӣ дар назари яҳудиёни фирории қадим ҳамчун оби баҳри қафогашта намудор шуда буд.

**Иштибоҳи 2-Мӯсо аз Миср 600 ҳазор нафарро берун овард.** Ва боз хато ҳангоми тарҷума рух додааст. Шумораи ғуломони озодшуда ҳамагӣ чанд ҳазор будааст.

**Иштибоҳи 3- Мӯсо пирамарди 80-сола буд.** Чуноне, ки дар боло зикр гардид, Мӯсо дар қасри фиръавн мезист (бо иддаои бархе коршиносон фарзанд ё набераи Рамсес буд), ва синну солаш ба синни писари фиръавн (бародараш ва ё амакаш?)-Аменхерхепешеф баробар буд, агар ҷавонтар набуд.

**Иштибоҳи 4 - ғуломони яҳудӣ заиф ва бесилоҳ буданд.** Мӯсо (Месу) ба қасри фиръавн бо ашхоси мусаллаҳ омад. Ӯ дорои қуввае буд, ки онро бояд ба инобат мегирифтанд.

Мебинем, ки олимон тасвири ҳаводисеро пешниҳод намуданд, ки куллан аз тасаввуроти мо оид ба ҳиҷрати Бани Исроил, "фиръавни саркаш", худи Мӯсо ва назари ақидатии мо фарқ дорад. Ба назар мерасад, ки пажӯҳишгарон кӯшиши азнавнависии китобҳои муқаддасро доранд ва дар шароити озмоишгоҳӣ (лабораторӣ) исбот карданианд, ки ҳеҷ як муъҷизае дар асл вуҷуд надорад. "Бинӣ"-ҳои худро ҳар ҷо мехалонанду аз ҳар ривоёти динӣ аз нигоҳи илмӣ "пӯсту парашон"-ро мебароранд. Мумкин, онҳо воқеияти аслии ҳаводису ривоётро фаҳмиданӣ ҳастанд ва ба онҳо баҳои баҳснопазири илмӣ доданианд? Ба ҳар ҳол, дар вазъи ноамни қазияҳои мазҳабиву ақидатӣ (ки ин "ҷангҳои муқаддас"-и мазҳабии муосир низ ҷанбаҳои сирф "заминӣ"-и сиёсиву иқтисодӣ доранд) ва баҳри сулҳу субот тафоҳуми илму дин имрӯз зарур аст, чун дар Худошиносӣ асос боварист-аммо илмро низ сарфи назар намудан камоли бехирадист…

Дар шумораи оянда мо боз оид ба як асрори дигари таърихӣ, ки он "Лаънати фиръавнҳо" ном дорад, ҳарф хоҳем зад.

**Азамат ДӮСТОВ**



Китобиёт

# ДАСТУРИ АРЗИШМАНД

**Китобе дар бораи роҳҳои пешгирии терроризм ва ифротгароӣ ба дасти хонандагон расид.**

Ин китоб, ки 20 мақола ва тавсияномаҳоро дар бар мегирад, бо ибтикори Ташкилоти ҷамъиятӣ- байналмилалии Фонди "Диалоги Аврусиё" ба теъдоди 500 нусха мунташир шудааст.

Мураттибони он Эмсал Коч ва Маъмурҷон Шарифов ҳадаф аз чопи маҷмӯи мақолаҳои олимонро ҷонибдорӣ аз суханрониҳо ва дастурҳои Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар ин мавзӯъ эълон кардаанд.

Китоб бо мақолаи профессор Нодир Одилов "Мақоми тавозӯъ дар Ислом" оғоз гардида, ки дар он бо такя ба манбаъҳои таърихӣ таъкид шудааст: "Динро ба зӯрӣ ба касе бор кардан маслиҳат нест."

Муаллиф бо ишора ба ҳадису гуфтаҳои саҳобагон таъкид кардааст, ки тавозӯъ аз ҳикматҳои асосии Ислом буда, он як самти муқобил бо терроризм аст.

Ӯ аз саъю талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳам ёдовар шуда, аз суханрониҳояш иқтибос овардa, ки мефармояд: "Мо имрӯз ниёз ба тақвияти ҳарчи бештари асли таҳаммулгароӣ дорем, ки мардуми мусалмонро чун мардуми мутамаддин ва фарҳангиву илмпарвар таҷассум намояд."

Абдулҳаким Розиқзода, директори комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти ҶТ дар мақолае таҳти номи "Тоҷикистон дар мубориза бар зидди терроризм" бо руҷӯъ ба маънои таърихии калимаи лотинии "terror" таъкид намудааст: "Ин калима, ки акнун ба дигар забонҳо ҳам ворид шудааст, маънои луғавиаш тарс, даҳшат, сиёсати тарсонидан ва фурӯъ нишондани душмани сиёсӣ бо роҳи зӯрӣ, террор ва ҳатто бо ҷазоҳои ҷисмонӣ, аз ҷумла куштор ва ғайра мебошад."

Муҳаққиқ гуфтааст: "Мардуми мо ба чунин падидаҳо ҳанӯз дар солҳои аввали барқароршавии сохти Шӯравӣ зимни мубориза бар зидди босмачиҳо рӯ ба рӯ гашта буданд. Ҳарчанд имрӯз аз ҷониби бархеҳо, ғолибан рӯзноманигорон кӯшиши як навъ обуранги ҷунбиши миллӣ додан ба ин ҳаракат дида мешавад, вале ба назари банда босмачигарӣ ҳамон ҷанги бераҳмонаи амалдорону сарватмандон (бо истифода аз дастаҳои қотилу ғоратгар) барои баргардондани ҳокимият ва сарватҳои аз даст рафтааашон буд. Дар бораи амалҳои террористӣ, қатлу ғорати мардуми маҳаллӣ, ваҳшонияти нисбати комсомолону муаллимон ва хайрхоҳони ҳукумати нав мисолҳо ва далелу бурҳони хеле зиёд дар осори таърихӣ маҳфуз аст."

Муаллифи мақола сипас ба тавзеҳи рӯйдодҳои даврони баъд аз эълони Истиқлоли Тоҷикистон пардохта, намунаҳоеро аз таърихи навини кишвар ва ҳамсонии аъмоли гурӯҳҳои силоҳбадаст дар гӯшаҳои гуногуни ммалакат ва амалҳои террористии онҳо зикр гардидааст.




Дар китоб мақолаҳои донишмандони дигар, аз ҷумла Сайфулло Сафаров "Ватандӯстӣ ҳамчун омили ҷилавгирӣ аз терроризм", Нафиса Юнусова "Ҷанбаҳои психологии терроризм", Файзулло Баротзода "Тафаккури дунявӣ ва зиёдаравии динӣ", Зикриё Акрамов "Ҷанбаҳои мазҳабии амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ" ва даҳҳо мақолаҳои дигар паҳлӯҳои гуногуни ин падидаи номатлубро барои хонандагон мекушояд.

Китоб ҳамчун дастури хубу арзишманд метавонад барои доираи васеи муҳаққиқон, муаллимон ва донишҷӯён хидмат кунад.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

**Ба муносибати 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ чанде қабл нашриёти "Шарқи озод" маҷмӯи очерк, мусоҳиба ва мақолаҳои нависанда Умари Шерхонро таҳти унвони "Пурдил" аз чоп баровард, ки хонанда метавонад аз он дар бораи зиндагӣ ва диловарии ҷавонмардони тоҷик дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ маълумоти саҳеҳ пайдо кунад.**

# ШАМЪИ ФУРӮЗОН




Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки даҳсолаҳои баъди ҷанг, замони бақои давлати Шӯравӣ корҳои таблиғотӣ бо мақсади поси хотири қаҳрамонон, ба ёд овардани корнамоиҳои сарбозону афсарони размдида, эҳтироми эшон аз ҷониби ҳукумати вақт ба таври зурурӣ тарҳрезӣ гардида буд. Мутаассифона, пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, шурӯъ аз солҳои 90-уми асри гузашта ҳама гуна нақшаҳо, анъанаҳои ёдоварии ҷанговарони шуҷоъ, эҳтирому таблиғи қаҳрамонии онҳо ба тадриҷ ба гӯшаи фаромӯшӣ меравад.

Гар чанде аз он замон солҳои зиёде гузаштааст, аммо ҳанӯз ҳам шуҷоату диловариҳои бемисли фарзандони шуҷои аҷдодони мо дар набардҳои ин ҷанги хонумонсӯз дар лавҳи хотираҳо сахт нақш бастааст. Тавре муаллиф зикр кардааст, дар ҷанги зидди фашистони гитлерӣ аз Тоҷикистон зиёда аз 300 ҳазор нафар ҷавонмардон, яъне 25 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳимояи Ватан бархоста, 100 ҳазор нафари онҳо ба зодгоҳи хеш барнагаштаанд. Барои диловарӣ ва ҷонифидоӣ 66 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ба унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мушарраф гашта, 21 нафар сарбозону афсарони пурдил сазовори се дараҷаи ордени "Шараф" шудаанд. Солҳои ҷанг дар дармонгоҳҳои ҳарбӣ ва бемористонҳои Тоҷикистон 28 ҳазор сарбозони маҷрӯҳ табобат ёфта, 25 ҳазор нафари онҳо дубора ба ҷабҳа баргаштанд ва нафарони дигар дар Тоҷикистон манзили охират ёфтанд.

Китоб аз се фасл "Хотира бурун аз иродаи вақт аст", "Фарзандони диловари тоҷик" ва "Аз изтироб то нӯшбод" иборат аст. Хонанда метавонад аз он дар бораи ходимони давлатии СССР, сарфармондеҳон ва Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ, дар бораи унвонҳои ҳарбӣ ва ордену медалҳои СССР маълумот пайдо кунад. Ба назар чунин мерасад, ки муаллиф баъди навсандагони ҷангноманавис Раҳмон Сафар ва Ҳасанбой Шарифов дар мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳқиқоти густурдатаре анҷом додааст.

Дар ҳар варақи ин китоб бо исму насаби чеҳраи ошно дучор мешавӣ, ки қаҳрамониҳояш кайҳо боз вирди забонҳо шудааст.

Бале, "Пурдил" шамъест фурӯзон, ба хотири корнамоиҳои родмардони шуҷои Ватан, ки дар набардҳои сангини ин Ҷанги Бузурги Ватанӣ синаро сипар кардаанд.

**Алӣ ҶӮРА**

# ИНТИХОБИ ДУБОРАИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТИИ ФФТ

**15 январ, дар меҳмонхонаи "Хаятт Риҷенси Душанбе" Конференсияи ҳисоботӣ - интихоботии Федератсияи футболи Тоҷикистон баргузор гардид, ки аз ҷониби вакилон Рустами Эмомалӣ барои чор соли дигар президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон интихоб шуд.**




Дар Конференсияи ҳисоботӣ - интихоботии ФФТ, 64 вакиле, ки барои интихоби президенти Федератсии футболи кишвар ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд, якдилона Рустами Эмомалиро дубора президенти ФФТ интихоб карданд. Бояд гуфт, ки барои чор соли оянда президенти ФФТ нтихоб намудани Рустами Эмомалӣ бидуни рақиб сурат гирифт.

Рустами Эмомалӣ, президенти ФФТ, зимни суханронии хеш ҳозиринро барои ташриф овардаашон ба Конференсияи ҳисоботӣ - интихоботии ФФТ хайрамақдам гуфта, аз ҷумла иброз дошт, ки дар паи иҷрои вазифаҳои оинномавӣ, аз ҷониби ФФТ, дар давраи ҳисоботӣ (аз 5 январи соли 2012 то 15 январи соли 2016), барои куллан беҳтар гардонидани сохтор ва зерсохтори соҳаи футболи кишвар тадбирҳои амалӣ андешида шудааанд. "Барномаи рушди футбол дар Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2016" ба пешрафти ин соҳа вусъати тоза бахшид. Гузашта аз ин дар Тоҷикистон нахустин Академияи футболи бачагона таъсис дода шуд. Соли 2014 бошад, бо пешниҳоди ФФТ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар "Соли футболи оммавӣ" эълон гардид.

Зимни баромади президенти ФФТ, инчунин қайд карда шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ бар рушду инкишофи футболи кӯдакону наврасон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Зери роҳбарии FIFA ва AFC дар ҳамкории бевосита бо дигар ташкилоту муассисаҳо як қатор барномаҳои мушаххас роҳандозӣ гардиданд, ки барои рушди футбол дар кишвар мусоидат намуданд. Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади муҳайё намудани шароити мувофиқ барои тамрини бозингарон, аз ҷониби ФФТ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ якчанд майдону майдончаҳои замонавии футбол сохта ба истифода дода шуд. Дар паи оммавигардонии футбол миёни кӯдакону наврасон мусобиқаву чорабиниҳои зиёде амалӣ шуданд. Баргузории ин мусобиқаҳо шумораи дастаҳои футболро миёни кӯдакону наврасони шаҳру ноҳияҳои кишвар афзун гардонид.

Рустами Эмомалӣ ба марҳилаи ниҳоии чемпионати Осиё роҳхат гирифтани дастаҳои мунтахаби ҷавонон ва футзали Тоҷикистон ва ба бозии финалии Ҷоми AFC баромадани дастаи "Истиқлол"-и Душанберо аз бузургтарин комёбиҳои футболи тоҷик дар чор соли охир унвон кард.

Дар конференсия Хуршед Файзуллозода, ноиби аввали президент ва дабири кулли ФФТ аз фаъолияти Федератсия дар солҳои 2012-2015 ҳисобот дод. Дар ҳисобот, аз ҷумла зикр шуд, ки ФФТ дар муддати чор соли охир корҳои зиёдеро дар бобати рушди минбаъдаи футбол дар кишвар ба ҷо овардааст.

Фаъолияти чорсолаи ФФТ аз ҷониби вакилони конференсия қаноатбахш арзёбӣ шуд. Дар конференсия Кумитаи иҷроияи ФФТ дар ҳайати 13 нафар интихоб шуд. Ба ғайр аз президенти ФФТ ва ду ноиби ӯ, инчунин Қоҳир Расулзода, Аҳтам Абдуллозода, Шоҳрух Саидов, Шариф Назаров, Исроил Шарифов, Музаффар Исҳоқов, Фатҳулло Ҷалилов, Бароталӣ Ҳамидзода, Фарҳод Сайфиддинов ва Муҳсин Муҳаммадиев аъзои Кумитаи иҷроия интихоб гардиданд. Ноибони президент ва дабири кулли ФФТ дар ҷаласаи навбатии Кумитаи иҷроияи ФФТ тасдиқ мешаванд.

Дар анҷоми конференсияи ҳисоботӣ-интихоботии ФФТ, Аҳтам Абдуллозода, раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, ба роҳбарону масъулини ФФТ барор комёбиҳо орзу намуд.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

Сад ҳазор сантиметр
Яке аз 11 нафар (варзишгар)
Қутби шимолии кураи Замин
Дарди гулӯ
Гирд, кулӯла
Яке аз «ҷинси латиф»
... де Жанейро, шаҳр дар Бразилия
Оғоз, аввал
Китоби муқаддаси зардуштиён
Тарки он амри маҳол
Рӯмолча
«Ҳоло ...», филми тасвирӣ
Дарёи бузурги тоҷикон
Такрор барои ёдгирӣ
Ҳарфи алифбои арабӣ
Ҳарф барои ифодаи ададди номаълум (алгебра)
Асъори арманиҳо
Хӯрдании хамирии гӯштдор
Сардкунандаи муҳаррики мошин
Оинаро аз он месозанд
Тор, рӯ
...мат, яроқи оташфишон
Муқобили «хуб», «нек»
Дегмонак
Ба об мӯҳтоҷ
Жанри Лоиқ Шералӣ ва Бозор собир
... Зоҳир, сарояндаи афғон
Сарбозон вақти ҳамла чӣ дод мезананд?
Кашандаи нақшаи бино
Ҷойи васеи бедарахт
Шерлок ... (А. К. Дойл)
Меваи аз йод бой
Тарс, бим
Бурҷи феврал-марти толеънома
Муҳаббат
Банди оҳанин барои мошинкашӣ
Воҳиди вазн
Сабзиро бо килограмм мефурӯшанд, равғанро бо ...
Эдди ..., актёри Голливуд
«...и кунҷӣ танҳой китоб аст»
Шашу беш, бозии рӯимизӣ
Шабакаи ТВ-и Русия «...-Планета»
Хатча дар навишт
Махлуқи калонҷуссаи афсонавӣ
Пойтахти Бозиҳои олимпӣ-2014 (Русия)
Яке аз қаҳрамонҳои "Шоҳнома"
Узви ҷуфт дар сар
Рахш, Дулдул, Бутсефал ҳамчун ҳайвон
Картошкабирёни ғарбӣ
Ришвахӯрӣ



ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | К | | | С | | | А | | А | | А | | | Б |
| | | | | | | А | Х | Т | А | Р | | Н | О | Д | О | Р | | | Е |
| | | | | | | К | | | Д | | О | | Л | | | Ч | А | Н | Г |
| | | | | | | А | З | О | Б | | Б | Е | Г | О | Н | А | | | О |
| К | А | М | Н | А | М | О | | | А | Й | Б | | А | | А | | Р | О | Ҳ |
| | | У | | | А | | | | Р | | О | | | А | М | Р | | М | |
| К | | Ш | Р | Е | К | | Б | Е | Г | А | З | А | Н | Д | | У | | О | |
| А | | А | | | А | С | О | | | К | | Й | | Р | У | Ҳ | О | Н | И |
| Д | О | К | А | | Р | | Р | У | Х | С | А | Т | | А | | | | | Т |
| У | | | С | | О | | | | | | | М | М | С | | | | | Т |
| К | А | Т | Р | И | Н | А | | | | | | А | | | | | | | И |
| О | | А | | В | | М | | | | | | Т | И | Н | | | | | Ф |
| Р | | С | | А | | У | | | | | | О | | И | | | | | О |
| И | Р | Ф | О | Н | | Р | А | Ҳ | И | М | О | В | | М | И | Л | Т | И | Қ |

*Агар имрӯз ба ҷомеа назар кунем, дарёфт хоҳем намуд, ки ҳама чиз дастрас аст, вале ҳар як инсони солимақл ҳис мекунад, ки воқеан ҳам чизе барои саодати ӯ намерасад. Он муҳаббати байни инсонҳост. Табиати нафси ҳайвонӣ ва падидаҳои моддиву молпарастӣ ба мисоли ҳиҷобе пеши чашми одамонро гирифта, меҳру муҳаббат ва дигар падидаҳои волои инсониро ба гӯшаи фаромӯшӣ гузоштааст.*

# МУҲАББАТ

Ҳақ ба ҷониби Ҳофизи бузург аст, ки мегӯянд:

***Набуд нақши ду олам, ки***
***ранги улфат буд,***
***Замона тарҳи муҳаббат***
***на ин замон андохт.***

Воқеан, муҳаббат сарогози ҳама зуҳурот буда, аз олитарин мақомот дар илми ахлоқ аст. Тавба, сабр, умедворӣ ва даҳҳо падидаҳои дигари ахлоқӣ муқаддимоте ҳастанд, ки шароити имконотро барои муҳаббат ба бор меоранд. Агар бо ибораи дигар гӯем самараи тавба, сабр ва умедворӣ муҳаббат мебошад, ки маънои аслии он меҳр, майл, ихлос ва дӯстдорӣ маҳсуб мегардад.

Дар сурате, ки муҳаббати инсон дар самараву ҳосили тавба ва сабру умедворӣ ба вуҷуд омад, чунин муҳаббат қавӣ ва пойдору ҳамеша хоҳад буд. Дар ғайри ин майлони муҳаббати инсон ба молдӯстиву шаҳватпарастӣ зиёд хоҳад шуд. Яъне ғояти камоли инсон он аст, ки дар дили вай дӯстӣ ба ҳақ ва мардум ғолиб ояд. Ба қавли Ибни Ямин:

*Гар қавӣ гардад муҳаббат*
*дар миёни дӯстон,*
*Лайливу Маҷнун яке*
*Узрову Вомиқ мешаванд.*

Шинохти ҳақиқати муҳаббат хеле мушкил буда, аксарияти одамон онро инкор кардаанд. Ба қавли онҳо маънои муҳаббат ин фармонбардорӣ мебошад ва дигар ҳеҷ маъноеро дар худ нагунҷонидааст. Ҷои шакку шубҳа нест, ки на ҳар кас ба маънои аслии муҳаббат сарфаҳм меравад ва на ҳар як инсони ғофил онро мешиносад, зеро сухан дар ин маънӣ хеле борик буда, агар ҳар шахси солимақл дар атрофи моҳияту асилияти муҳаббат андеша кунад, гоҳе маҳбут ва гоҳе андӯҳгин хоҳад шуд. Ҳар инсон саравал бояд асли муҳаббат ва дӯстдориро шиносад. Аслан маънии муҳаббат майли табиати инсон ба чизе ва ё касе равона шудааст, ки ӯро аз вай хуш меояд ва барояш хеле маъқул аст. Агар муҳаббат ва майлу рағбати инсон қавӣ гашт, дар он сурат онро ишқ мегӯянд. Дар муқобили муҳаббат душманӣ қарор дорад, ки он нафрати табиати инсон аз чизе аст, ки барои вай хушоянд нест ва дар он ҷое, ки хушу нохуш набошад дар он ҷо муҳаббату душманӣ нест.



### ХУШ ВА НОХУШ

*Мувофиқи табиати инсон ашё ва зуҳуроти алам ба се навъ тақсим мешаванд*:

**1.** *Чизҳои хуш, яъне зебо, дилкаш, хуб,ширин, форам, писандида, маъқул ва баргузида. Бо ибораи дигар чизҳое, ки мувофиқи табиат ва талаботи инсон ҳастанд. Табиати инсон онҳоро тақозо дорад.*

**2.** *Чизҳои нохуш, инҳо баръакси чизҳои хуш буда, бо табиати инсон мувофиқ ва носозгор ва ё бар хилофи тақозои табиати вай мебошад.*

**3.** *Он чизҳое, ки ба табиати инсон на мувофиқ асту на мухолиф, онро на хуш мегӯянд ва на нохуш.*

Инсон ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва талаби чизи хуш мебошад ва аз онҳо доимо огоҳӣ меёбад. Ин иттилоъ ва огоҳии вай тавассути ҳисси панҷгона ва ақл сурат мегирад. Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, ҳисҳои зоҳирии вай панҷгона буда, ҳар кадоме аз онҳо манбаи лаззати худро доранд ва ба сабаби он лаззат вайро дӯст медоранд. Ба ибораи дигар як силсила лаззатҳое, ки табиати инсон ба онҳо майл дорад. Барои мисол лаззати ҳисси чашм дар чизҳо ва шахсу сурати зебо, сабзаву оби равон, гулу паррандаҳои зебо ва ғайра равона шудааст. Лаззати гӯш бошад дар овозҳои хушу мавзуну дилрабо ва лаззати шам - дар бӯйҳои хуш,лаззати завқ - дар таомҳо ва нӯшокиҳои болаззат, лаззати ламс- дар чизҳои нарм. Инҳо ҳама барои тамоми инсонҳо маҳбуб буда, табиати инсон ба онҳо майлу рағбат дорад.

Аммо ҳисси шашум, ки онро ақл ва басирату нур мегӯянд, дорои маҳалҳои дарку идрок аст, ки онро ақл дӯст медорад ва маҳбуби ақл ба шумор меравад. Дар сурате, ки бар сари инсон ақл пирӯз баромада, ӯро аз сифатҳои ҳайвонӣ дур созад, инсон ба зуҳуроту падидаҳои олам ба чашми ботин назора карда, онҳоро ба диди дигар дӯст медорад ва ин тарзи муҳаббат аз назорати зоҳирӣ ва ҳиссӣ фарқи калон дорад.

### САБАБҲОИ МУҲАББАТ

**Сабаби аввал** он аст, ки инсон худ ва камолоту бақои худро дӯст медорад, лекин марг ва ҳалоки худро, ки адам ва ё нестии беранҷу беалам аст, бад мебинад ва душман мешуморад. Шояд саволе ба вуҷуд ояд, ки чаро инсон ба марги худ нафрат дорад ва онро дӯст намедорад? Иллати асосӣ дар он аст, ки ҳеҷ чиз ба ҷуз аз ҳастӣ, давому камолот ва сифатҳои ҳастӣ барои инсон мувофиқтару созгортар нест. Ҳамзамон ҳеҷ чизе мухолифтару носозгортар аз нестии вай ва нестии камолоту сифатҳои инсон наметавонад.

*(Давом дорад)*

**А.АРДАШЕР**

## ТӮЛИ УМР ОДАМ 27 ТОННА ХӮРОК МЕХӮРАД

ØБа ҳисоби миёна кӯдакон дар як рӯз қариб 400 маротиба механдидаанд. Калонсолон бошанд, ин амалро рӯзе то 15 маротиба ба ҷой меоваранд.

Ø40% -и ошиқоне, ки ба изҳори муҳаббати худ ҷавоби рад гирифтаанд, ба яъсу ноумедӣ меафтидаанд.

ØАз панҷ нафар ду нафар мардон ба ишқи аввали худ хонадор мешудаанд.

ØЗанҳо дар парковка (ба истгоҳ мондан)-и нақлиёт аз мардҳо ҳунармандтар будаанд.

Ø90%-и занон ва 75%-и мардон баъди аз ҳоҷатхона баромадан даст мешустаанду халос.

ØАз даҳ нафар ҷавонмард ҳашт нафар бовар доранд, ки дар муносибати минбаъда бо бонувон бӯсаи аввалин нақши ҳалкунанда дорад.

ØБа ҳисоби миёна сокинони қадпасти сайёра ҷопониҳо мебошанду қадбаландтаринҳо сокинони Ҳолланд ҳастанд.

ØАнглисҳо дар чойхӯрӣ миёни дигар халқу миллатҳо пешсафанд. Масалан онҳо нисбат ба америкоиҳо 20 маротиба зиёдтар чой менӯшанд.

Ø Кӯҳҳои Урал, ки ду қитъа Аврупову Осиёро дар Русия аз ҳам ҷудо мекунанд, кӯҳҳои куҳансолтарин шуморида мешаванд.

ØОби даҳони одам дар давоми умр он қадар ҳосил мешавад, ки ба воситаи он ду ҳавзи оббозиро пур кардан имконпазир аст.

Ø47%- и одамон моҳе хобҳои ваҳманзез мебинад.

Ø Ҳар қадар интелекти одам баланд бошад ҳамон қадар дар мӯи сари вай оҳану қалъагӣ бештар аст.

ØКӯдакон аз як моҳагӣ то семоҳагӣ бе ашк мегирянд.

ØТақрибан 365 миллион нафар дар олам компьютер дорад, нисфи аҳолии сайёра бошад, ягон бор телефонро надидаанду аз он истифода карда наметавонанд.

ØҲар кадоми мову шумо рӯзи таваллуди худро бо 20 миллион нафар дар якҷоягӣ пешвоз мегирем.

ØЗанон вақти ба лаб молидани ранг қисми зиёди онро фурӯ мебаранд

ØДар 6-7 моҳагӣ тифлон қобилияти ба якборагӣ нафас кашидану хӯрок хӯрданро доранд, одами калонсол чунин карда наметавонад.

Ø Ҳар қадар даромади мард зиёд шавад, ҳамон андоза хавфи ба занаш хиёнат кардани ӯ меафзояд.

ØҚади нафари муҷаррад нисбат ба марди оиладор 2, 5 сантиметр паст мешудааст.

ØСоҳибхоназан ҳар шабонарӯз барои саранҷом кардани рӯзғор 11 километр роҳ мерафтааст.

ØҲар се дақиқа касе дар Замин аз мушоҳидаи Табақҳои паррон (НЛО) хабар медиҳад.

ØЗанҳои кишвари Сенегал ҳафтае 17, 5 соат вақти худро барои дарёфти оби нӯшокӣ сарф мекунанд.

ØАгар зан дар ҷазираҳои Гавай ба болои гӯши худ гул монад, ин маънои онро дорад, ки вай хоҳиши издивоҷ карданро дорад. Ҳар қадар ҳаҷми гул калон бошад, аз майли зиёди ӯ ба мардҳо дарак медодааст.

Ø Қариб чоряки аҳолии сайёра дар Хитой зиндагӣ мекунанд.

ØНафарони чашмкабуд дар торикӣ хубтар мебинанд.

ØКасоне, ки дурӯғ мегӯянд, ба боло ва тарафи чап нигоҳ мекунанд.

ØДар Хитойи Ҷанубӣ ба пиёлаи чой ба ҷои қанд намак меандозанд.

*Таҳияи*
**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2011 Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат ба донишҷӯи факултаи туризм ва хадамоти гумрук Ғафуров Сорбон Хушдилович додааст, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

**Раёсати Иттифоқи меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мудири кафедраи сохтмони шаҳрӣ ва хоҷагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, узви Раёсати Иттифоқи меъморони Тоҷикистон Ҳасанов Нозимшо Назокатшоевич нисбати вафоти**

**МОДАРАШ**

**ҳамдардии худро баён мекунанд.**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj
*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.hamsafon.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчин:** Ҷамила Аҳмадова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 50109 нусха**
**Навбатдор: С.ЮСУФОВ**

